**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе к. Шевченко 69. Тел: (992 37) 2 21-18-35, факс: (992 37) 2 21-75-25

# Фармоиш

31.12.2025сол. №**7-533** ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Оинномаи
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон»

Бо мақсади муайян ва танзим намудани самтҳои асосии фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба директори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» супориш дода шавад, ки фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон»-ро тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи тасдиқгардида ба роҳ монад.
3. Фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2019, №590 «Дар бораи тасдиқи Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» аз эътибор соқит дониста шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Ҷ. Абдуллозода

Бо имзои электронии рақамии низом тасдиқ шудааст. Рамзи Ҳуҷҷат: WE11435198

Замима
Бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз _____ _____ соли _____
№ _____ тасдиқ шудааст.

# ОИННОМАИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
# «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН»

**Соли – 2025**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» (минбаъд Донишгоҳ) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 феврали соли 2016, таҳти №79 «Дар бораи таъсиси Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» таъсис дода шуда, ба номгӯйи муассиса ва ташкилотҳои системаи Вазорати тандурсутӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2019, №229 «Дар бораи ба ихтиёри муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» гузаронидани муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара» ва дар сохтори он таъсис додани муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар деҳоти Кангурти ноҳияи Темурмалик» коллеҷҳои мазкур ба сохтори Донишгоҳ шомил гардиданд.

2. Муассиси Донишгоҳ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Муассис) мебошад.

3. Донишгоҳ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ, ташкилшуда ба ҳисоб меравад.

4. Донишгоҳ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

5. Донишгоҳ тавозуни мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, муҳри мудаввар бо дарҷи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи расмии худ, варақаҳои унвонӣ ва дигар реквизитҳо мебошад.

6. Номи расмии Донишгоҳ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ чунин мебошад:

**бо забони тоҷикӣ** – «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», ихтисоран «ДДТХ»;

**бо забони русӣ** – «Хатлонский государственный медицинский университет», ихтисоран «ХГМУ»

**бо забони англисӣ** – «Khatlon state medical university», ихтисоран «KHSMU»

7. Суроғаи ҳуқуқии Донишгоҳ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи кӯчаи Киров -9. Телефон: (83312) 21035, Факс: (83312) 21034; Почтаи электронӣ: info@khatmedun.tj; Сомона: www.khatmedun.tj

## 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ДОНИШГОҲ

8. Донишгоҳ шахси ҳуқуқии мустақил буда, шакли ташкилию ҳуқуқии он бо моддаи 53 ва 128 –уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

9. Мувофиқи Оинномаи мазкур Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад. Даромади аз чунин фаъолият бадастомада, инчунин амволи аз чунин даромадҳо харидашуда, ба ихтиёри Донишгоҳ мегузаранд.

10. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад қарзҳои бонкиро истифода барад, иштирокчии муносибатҳои маданӣ бошад, аз ҷумла дар мурофиаи судӣ ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

11. Донишгоҳ дорои дигар намуди ҳуқуқҳо мебошад, ки бо қонунгузории амалкунанда барои чунин муассисаҳо муқаррар шудаанд.

12. Донишгоҳ аз рӯи уҳдадориҳояш бо маблағи пулие, ки дар тавозуни мустақили худ дорад, ҷавобгар мебошад. Муассис аз рӯи уҳдадории Донишгоҳ, ба истиснои мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулият надорад.

13. Иҷрои стандартҳо, муқаррарот, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соҳаи тандурустӣ бо тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намудааст, барои Донишгоҳ ҳатмӣ мебошанд.

14. Донишгоҳ метавонад ба ҳайати ҷамъиятҳои хоҷагидор, иттифоқҳо, ассосиатсияҳо дохил шавад ва аз ҳайати онҳо барояд.

15. Донишгоҳ метавонад барои иҷро кардани фаъолияти оинномавӣ мутахассисони ҷудогона, аз он ҷумла хориҷиёнро бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намояд;

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ

16. Донишгоҳ нақшаҳои гуногуни таҳсилоти миёна ва олии касбиро аз рӯи муҳлат ва зинаи гуногуни он ва такомули ихтисоси баъди таҳсилоти олиро мутобиқи стандарти давлатии муқарраргардида аз рӯи самтҳои гуногуни илм, техника, адаб ва фарҳанг, ки азхудкунии онҳо тавассути дипломҳои дар шакли муайян муқарраргардида, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии мутахассисон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд.

17. Мазмуни фаъолияти Донишгоҳро ҳамчун маркази таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ тибқи тадбирҳои дар банди 18 Оинномаи мазкур қайдшуда, тайёр намудани мутахассисони гуногуни дорои таҳсилоти олии касбии сатҳҳои гуногун, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои ҷумҳурӣ ва дигар кишварҳо ташкил медиҳанд.

Тайёр намудани мутахассисон аз рӯи равияҳо ва ихтисосҳо ё номгӯи самтҳои таълим дар заминаи моддӣ-техникии дар ихтиёри Донишгоҳ буда, дар пойгоҳҳои клиникии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сохторҳои марбутаи дигар, бо қарори шурои олимони Донишгоҳ мувофиқи қоидаҳои ҷорӣ амалӣ карда мешавад.

18. Донишгоҳ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад қисматҳои таълимӣ, илмию истеҳсолӣ, муолиҷавӣ, хизматрасонӣ, марказҳо, озмоишгоҳҳо, корхонаҳо ва ғайра таъсис дода, талаботи мардумро бо ҳаргуна молу хизматрасонӣ қонеъ гардонад.

Донишгоҳ намуди фаъолиятеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳандозӣ намудани он, гирифтани иҷозатномаро муқаррар кардааст, баъди гирифтани иҷозатнома амалӣ карда метавонад. Донишгоҳ он намуди фаъолиятеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, мустақилона метавонад ташкил диҳад.

19. Вазифаҳои асосии Донишгоҳ аз инҳо иборат мебошанд:

- қонеъ гардонидани талаботи шахс дар инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи ба даст овардани таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- рушди илму ҳунар ба воситаи таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва таҳсилкунандагон, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим, муолиҷа ва истеҳсолот;

- омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили тахассуси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва кормандони илмию омӯзгории баландихтисоси соҳаи тадурустӣ ва дигар эҳтиёҷмандон;

- дар донишҷӯён инкишоф додани ҳисси худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилияти кору зиндагии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ;

- ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- таҳкими арзишҳои маънавии шаҳрвандон, боло бурдани савияи таҳсилот ва фарҳанги он;

-таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён;

- паҳн намудан ва густариши донишҳои тиббӣ дар миёни мардум ва боло бурдани сатҳи маърифатӣ ва фарҳангии он;

- амалӣ гардонидани барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тибқи иҷозатнома;

- таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ташхису муолиҷаи беморон, бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос ва омӯзгории донишҷӯён;

- ташкил намудан ва гузаронидани корҳои асосӣ, амалию таҷрибавӣ, илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию истеҳсолӣ, конструкторӣ, ки барои ҳалли масоили хоҷа -гии халқ равона карда шуда бо раванди таълим зич алоқаманд бошанд;

- паҳн намудани донишу малакаи замонавии иқтисодию ҳуқуқӣ, тиббӣ, экологӣ ва дигар дастовардҳои илмӣ, баланд бардоштани сатҳи маълумоти умумӣ (ҳамагонӣ), сиёсӣ ва мадании аҳолӣ бо татбиқ намудани қоидаҳои маъмул ва ё низоми кредитии таълим;

- таълиф, таҳия ва нашри барномаҳои таълимӣ, асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, муолиҷавӣ;

- омода намудани кадрҳои илмию омӯзгорӣ (номзадҳо ва докторҳои илм, аз ҷумла докторҳои PhD).

20. Ба сохтори Донишгоҳ ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ, марказҳо, коллеҷ, озмоишгоҳҳо, хоҷагиҳои истеҳсолӣ, ёрирасон ва ғайра дохил мешаванд, ки онҳо дар асоси қоидаҳои умумӣ, Низомнома ва Оинномаҳое, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ тасдиқ карда мешаванд, амал мекунанд.

Донишгоҳ ҳамчун комплекси таълимию илмӣ, табобатӣ ва истеҳсолию хизматрасонии Муассис ба шумор рафта, ба вай ҳамаи ҷузъҳои таълимӣ, табобатӣ (пажуҳишгоҳҳо, коллеҷҳо, марказҳо, литсейҳо ва дигар сохторҳо), ки баланси мустақил ё алоҳида доранд, аз ҷиҳати ташкилӣ дохил мешаванд.

21. Дар сохтори Донишгоҳ созмон додани ҳизбҳо ва дигар ташкилоти сиёсии амсоли онҳо манъ аст.

22. Дар сохтори Донишгоҳ бо мақсади ҳимояи манфиати донишомӯзон иттиҳодияҳои ҷамъиятии донишомӯзон ташкил карда шуданаш мумкин аст, ки муносибатҳои он бо шартномаи байни маъмурияти Донишгоҳ муайян карда мешаванд.

23. Дар сохтори Донишгоҳ бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии навъи иттиҳодияҳои таълимию методии муассисаҳои олии таълимӣ, шӯрою комиссияҳои илмию методӣ, илмӣ - техникӣ ва ғайра таъсис дода шуда метавонанд.

24. Шуроҳои илмии Донишгоҳ дар фаъолияти худ тавсияи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар системаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ баррасӣ менамоянд ва ба назар мегиранд.

25. Донишгоҳ барои ноил гаштан бо мақсадҳои худ тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда ҳуқуқ дорад ки:

- сохтори ташкилӣ, идоракунӣ ва шакли таълиму тарбия, илм ва муолиҷаро аз рӯи самтҳо ва ихтисосҳо мустақилона муайян кунад;
- дар мувофиқа бо Муассис ҷузъҳои илмию таълимӣ аз ҷумла, пажуҳишгоҳҳо, марказҳо, литсейҳо, коллеҷҳо, магистратура, интернатура ва ординатураи клиникӣ, аспирантура, докторантура, шуъбаҳо, факултетҳо ва курсҳои махсуси маълумоти иловагӣ, маркази ҳисобдорӣ, китобхонаҳо инчунин, бахши истеҳсолӣ, маҷмааъи (комплексӣ) таълимӣ, хизматрасонӣ, мактабҳо ва мақомоти назоратии дохилидонишгоҳиро таъсис ва барҳам диҳад.
- тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли ташкил ва ҳавасмандгардонии меҳнатро бо мақсади ниҳоӣ истифода намудани васоити зеҳнии ҳайати профессорон, устодон, кормандон ва донишҷӯёни худ муқаррар намояд;
- дар мувофиқа бо Муассис ҷадвали воҳиди (штати) кории ҳайати шахсии донишгоҳ ва дигар шахсони ба таълиму фаъолият ҷалбшударо бе назардошти музди ниҳоӣ ё миёна дар доираи захираи музди кор тибқи қонунгузорӣ муқаррар ва тасдиқ кунад;
- имтиёзҳои дохилиро барои ишғоли вазифаҳои дотсентон, профессорон, узвҳои вобаста ва пайваста ва дигар кормандони илмию таълимӣ ва табобатӣ, инчунин ба дигар кормандони Донишгоҳ муқаррар намояд;
- махсусгардонии раванди таълим, муолиҷа ва тайёр намудани мутахассисонро аз рӯи шакли таълим бо намуди ихтисосҳо, инчунин махсусгардонии табобат ва дигар хизматрасонии тиббиро амалӣ намояд;
- ба муасиссаҳои илмию таълимӣ, кооператсия, корхонаҳо, иттиҳодияҳо, консернҳо, ташкилотҳо ё муассисаҳои байналхалқӣ, ки манфиатҳои умумиро ифода мекунанд (тайёр кардани мутахасисон, тадқиқотҳои илмӣ-методӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ, доираи иҷтимоӣ ва дигар шаклҳои фаъолият иҷозат дода) дохил шавад, аз онҳо барояд (хориҷ шавад);
- амволе, ки аз ҷониби Муассис ба вай вобаста карда шудааст, мувофиқи таъиноти онҳо ва мақсадҳои пешгузошташуда соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намуда, васоите, ки таиноташро дар натиҷаи истифодабарӣ гум кардааст, тибқи қонунгузорӣ аз ҳисоб барорад;

- амвол, воситаҳои пулӣ ва асъорие, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, муолиҷавӣ, истеҳсолӣ ва дигар хизматрасонҳо ба даст медарорад ихтиёрӣ кунад;
- тибқи тартиби муқарраргардида васоити таълимӣ, илмӣ-истеҳсолӣ, дигар амволи манқул ва ғайриманқулро аз ҳисоби худ ва Муассис ё дигар шахсоне, ки кӯмаки молӣ мекунанд, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба даст дарорад, ба иҷора гирад ва ба иҷора диҳад;
- васоити иҷтимоӣ, табобатию варзишӣ, табобатгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, хоҷагии ёрирасон дошта бошад;
- комиссияи этикии дохилидонишгоҳиро таъсис диҳад.

## 4. ХУДМУХТОРӢ ВА ОЗОДИҲОИ АКАДЕМИИ ДОНИШГОҲ

26. Донишгоҳ дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани фаъолияташ, ки аз ин Оиннома ва аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва тандурустӣ бармеоянд, худмухтор ва мустақил аст.

27. Дахолати мақомоти идоракунии давлатӣ ба фаъолияти таълимӣ, табобатӣ, илмӣ-ҳоҷагӣ ва фаъолияти дигари Донишгоҳ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

28. Донишгоҳ комплекси таълимӣ, табобатӣ, илмию истеҳсолӣ ва хизматрасонии Муассис ба шумор рафта, метавонад ҷузъҳои таълимӣ (пажуҳишгоҳҳо, коллеҷҳо, марказҳо, литсейҳо ва дигар сохторҳо), табобатӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ки баланси мустақил ё алоҳида доранд ташкил намояд.

29. Худмухторӣ шакли озодиҳои академӣ мебошад ва шарти зарурӣ барои кафолати иҷрои уҳдадориҳои Донишгоҳ аст.

30. Донишгоҳ дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимию тарбиявӣ, табобатӣ, илмӣ, робитаи байналмилалӣ, молиявию хоҷагӣ ва дигар фаъолиятҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур мустақил аст.

31. Донишгоҳ барои татбиқи барномаҳои таълимӣ метавонад технологияи фосилавии донишомӯзиро қисман ё дар ҳаҷми пурра (ба истиснои баъзе аз машғулиятҳо) аз рӯи тартибе, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар кардааст, истифода барад.

32. Донишгоҳ метавонад тибқи қонунгузории амалкунанда низоми кредитӣ ҷорӣ намояд.

33. Худмухторӣ шакли муҳимтарини ташкили раванди таълим, тадбирҳои академӣ мебошад ва масъулияти давлатии Донишгоҳро дар назди Муассис мегузорад.

34. Муносибати байни Донишгоҳ ва Муассис тавассути шартнома сурат мегирад. Муассис дар доираи ваколати хеш оид ба иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, Иҷозатномаи (литсензия), фаъолияти таълимӣ ва моливу хоҷагии Донишгоҳро назорати бевосита мекунад.

35. Озодиҳои академии Донишгоҳ ин озодии баёни мазмуни таълим ва аз рӯи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзуъ барои таҳқиқоти илмӣ, муолиҷа ва ҳалли онҳо бо методҳои худ, инчунин озодии

омӯзандагон дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ ва муолиҷавӣ мебошад.

36. Ба кормандони соҳаи омӯзгорӣ аз ҷумлаи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни Донишгоҳ аз ҷумла, ба омӯзгорон озодиҳои академӣ дода мешавад, то мавзӯи дарсро (таълимро) бо усули худ дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзӯи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ онро гузаронанд.

37. Дар доираи барномаҳои таълимӣ ба донишҷӯён мувофиқи майлу талаботи онҳо озодии академӣ дода мешавад.

38. Назорат барои мувофиқати фаъолияти Донишгоҳ бо назардошти маромҳои он, ки дар ин Оиннома пешбинӣ шудааст, аз ҷониби Муассис ва мақомоти давлатии идораи маориф ва илм, ки дар ҳудуди салоҳияти худ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома (литсензия) додаанд, амалӣ мегардад.

39. Донишгоҳ бо мақсади аккредитатсияи ҷамъиятии худ ҳуқуқ дорад ба дилхоҳ ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ мурочиат намояд.

40. Худмухторӣ ва озодиҳои академии Донишгоҳ дар фаъолиятҳои зерин инъикос меёбад:

- мувофиқи Оинномаи мазкур ҳуқуқи қабул намудани қарорҳо ва иҷрои онҳоро дорад, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд;

- дар мувофиқа бо Муасссис сохтори худро мустақилона муайян менамояд, мақомоти идоракунӣ ва назоратии хешро ташкил медиҳад;

- раванди таълиму тарбия, илм, муолиҷа, молия, хоҷагидорӣ ва шаклҳои дигари фаъолиятро мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад;

- дар асоси шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳҳои ватанӣ ва хориҷӣ, Академияи илмҳо, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо басташуда, фаъолиятҳои бисёрсоҳаро ба монанди: тайёр намудани мутахассисон, дарсдиҳӣ ба донишҷӯён ва аспирантон, мубодилаи мутахассисон, пешбурди корҳои илмӣ, фаъолияти фарҳангӣ, ташкили конфронсу симпозиумҳо ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолиро ба роҳ мемонад;

- вобаста ба ҳаҷм ва намуди корҳои ба субутрасонанда, штати кормандон, миқдори ҳамаи категорияҳои кормандон, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро, аз он ҷумла ҳайати омӯзгорон ва кормандони илмӣ, вазифаҳои деканҳо ва мудирони кафедраҳо, сардорони шуъбаҳои гуногуни таълимӣ ва илмӣ (марказҳо, шуъбаҳо, лабораторияҳо) ва инчунин ҳайати роҳбарикунандаи Донишгоҳро муайян менамояд;

- самтҳо ва тартиби истифодабарии маблағҳои аз ҳисоби буҷет ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ба суратҳисоб воридшударо бо назардошти ҳиссаи ба музди меҳнат сарфшаванда мустақилона муайян менамояд ва мавриди истифода қарор медиҳад;

- намуд ва андозаи маоши кормандонро берун аз ҳисоби маоши буҷетӣ муайян ва таъмин менамояд;

- тибқи қонунгузории ҷорӣ ва Оинномаи мазкур муассиси нашриёт, маҷалла, дигар воситаҳои ахбор бошад;

- барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва чун қоида барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯи як ва ё якчанд самтҳои ҷудогона амалӣ мегардонад;

- тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандон ва бозомӯзии онҳоро дар ҷодаи муайяни фаъолияти касбӣ ба роҳ мемонад;

- тадқиқоти илмии бунёдӣ (фундаменталӣ), ҷӯяндагӣ ва амалӣ мебарад.

41. Озодиҳои академӣ масъулияти академии муҳайё кардани шароити мусоиди ҷустуҷӯи озодонаи ҳақиқат, баёну интишори озодонаи онро ифода менамоянд, ки ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

- истифодаи самарабахши нерӯи зеҳнӣ бо мақсади афзун гардонидани саҳми Донишгоҳ дар тайёр намудани кормандони илмӣ, илмию омӯзгорӣ ва мутахассисони дигар барои эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа;

- демократикунонии ташкилу идораи ҷараёни таълим, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва ташкилӣ;

- таъмини равобити муътадили таълим ва тадқиқоти илмӣ;

- таъмини иҷро ва риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани интизоми давлатӣ.

## 5. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ, МЕТОДӢ ВА ИЛМИИ ДОНИШГОҲ

42. Фаъолияти таълимии Донишгоҳ мутобиқи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва бо тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва тандурустӣ тасдиқ шудааст, амалӣ гардонида мешавад. Мушаххас намудани мазмуни таълим бо нақша ва барномаҳои таълимӣ муайян карда мешаванд, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ намудаанд.

43.Самтҳои тайёркунӣ, азнавтайёркунии мутахассисон тибқи замимаи иҷозатномае (литсензияе), ки ба Донишгоҳ аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, инчунин Шаҳодатнома дар асоси аккредитатсияи давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

44. Донишгоҳ дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим, истифодаи технологияи нав, шакл ва методҳои пешқадами таълимро ҷӯстуҷӯ намуда, баҳри баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон истифода менамояд.

45. Таълим дар Донишгоҳ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

46. Донишгоҳ нақша ва ҷадвали раванди таълимро, аз ҷумла барои омӯзиши инфиродии ашхоси алоҳида бо назардошти сатҳи тайёрии пешакӣ ва қобилияти онҳо мувофиқи низомномаҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ мекунад.

47. Донишгоҳ бо роҳи ташкили мақсадноки ҷараёни таълим, интихоби шаклҳо, методҳо, воситаҳои таълим шароити зарурирро барои аз худ кардани барномаҳои таълимии касбии донишҷӯён муҳайё мекунад.

48. Мазмуни таълим дар самтҳо ва ихтисосҳо тавассути Барномаҳои таълимии дар шурои олимони Донишгоҳ тасдиқшуда ва дар асоси стандартҳои давлатӣ мураттабшуда, ки аз ҷумла таълими инфиродиро низ дар бар мегирад, муайян карда мешавад.

49. Донишгоҳ мазмун ва усулҳои раванди таълимро аз рӯи самтҳо, меъёри муҳлати азхудкунии нақшаҳои амалкардаистода, инчунин самтҳою ихтисосҳои нави раванди таълимие, ки тибқи стандарти давлатӣ муқаррар карда мешавад, муайян мекунад. Донишгоҳ нақшаҳои таълимӣ, ҷадвали раванди таълим, аз ҷумла таълими инфиродиро мувофиқи лаёқаташон ва заминаи тайёрии пештарашон кор карда мебарояд ва тасдиқ мекунад.

50. Донишгоҳ донишҷӯёни Маркази омодагии қаблӣ, Коллеҷ ва курсҳои такмили ихтисос, интернҳо, ординаторҳо, унвонҷӯён, магистрантҳо, аспирантҳо, докторантҳоро бо воситаҳои таълим таъмин карда, барои таълим ва кору зиндагии онҳо шароити мусоид муҳайё месозад.

51. Донишгоҳ дар интихоби низоми баҳогузорӣ, шаклҳо, тартиби гузаронидани машғулиятҳо аттестатсияи донишҷӯён мустақил мебошад.

52. Ба дигар корҳо ҷалб намудани донишҷӯён, ки ба фаъолияти таълимӣ алоқаманд нест, манъ аст. Инчунин истифода ва татбиқи усулҳои ғайрибашарии таълиме, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид мекунад, манъ аст.

53. Дар Донишгоҳ намудҳои зерини машғулиятҳои таълимӣ муқаррар карда мешаванд: лексия, семинар, машғулияти амалӣ, кори лабораторӣ, коллоквиум, кори мустақилона, консултатсия (машварат), таҷрибаомӯзӣ, навиштани таърихи беморӣ, кори курсӣ (танзими нақшаи рисола навиштани рисолаи дипломӣ, кори магистрӣ). Донишоҳ метавонад, ки намудҳои дигари корҳои таълимиро низ гузаронад. Барои ҳамаи намудҳои машғулиятҳои аудиторӣ як соати академӣ (50 дақиқа) муқаррар карда мешавад. Ҳаҷми соатҳои машғулиятҳои аудитории таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи Оинномаи сохторӣ, ки аз ҷониби шурои олимон тасдиқ шудааст, муқаррар карда мешавад.

54. Зинаи асосии таълим дар донишгоҳ курси давомнокиаш як сол муқаррар карда мешавад.

Соли таҳсил ба ду даври академӣ тақсим мешавад, ки бо давраи санҷишу имтиҳонот хотима меёбанд. Оғози соли таҳсил моҳи сентябр буда, бо муҳлати дар Нақшаҳои таълимӣ нишондодашуда анҷом меёбад. Соли хониш бо Нақшаҳои таълимӣ муқаррар карда мешавад, давраи санҷишӣ-имтиҳонӣ ё байни давравӣ мувофиқи ҷадвали ҷараёни таълим, ки бо дастури раванди таълими муайян тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад. Таълими донишҷӯён ва гуруҳҳои ҷудогона бе муқаррар намудани давраи имтиҳонӣ роҳ дода мешавад.

Ҳаҷми умумии машғулиятҳои таълимӣ (соатҳои аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ), дар як ҳафта, барои донишҷӯёни Донишгоҳ тибқи нақшаҳои таълимии тасдиқгардида муайян карда мешавад.

55. Барои донишҷӯён дар давоми соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад. Давомнокии муайяни таътилот таввассути Нақшаҳои тасдиқшудаи таълимӣ ва тақвимӣ мушаххас карда мешаванд.

56. Ташкил ва такмили раванди таълим тавассути шуъбаи таълим (ШТ) таҳти сарварии муовини ректор (проректор) оид ба корҳои таълимӣ сурат мегирад. Сохтор ва вазифаи шуъбаи таълим бо Низомномаи сохторӣ, ки аз тарафи шурои олимон ва ректори Донишгоҳ тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

57. Вазифаи тарбиявии Донишгоҳ, ки аз табиати башардӯстонаи таълим, афзалияти арзишҳои инсонӣ бармеоянд, дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии толибилмон ва омӯзгорон татбиқ карда мешавад.

58. Дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён дар ҳуҷҷатҳо оид ба маълумот тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда мешавад.

Донишҷӯе, ки аз баҳои гузошташуда розӣ нест, имконияти ба комиссияи аппелятсионӣ мурочиат кардан дода мешавад.

59. Гузаронидани донишҷӯ аз курс ба курс бо фармоиши ректори Донишгоҳ назар ба натиҷаҳои соли таҳсил (хониш), иҷрои талаботи меъёрие, ки дар нақшаҳои таълим ва барномаҳои таълим муқаррар гардиданд, на дертар аз фарорасии соли таҳсили нав амалӣ карда мешавад.

Ба донишҷӯёне, ки бо сабабҳои муайян (новобаста аз хоҳишашон-беморӣ, даъват ба чорабиниҳои ҳарбӣ, карантин ва ғайра) аз натиҷаи соли таҳсил ном дониста шудаанд, ҷадвали алоҳидаи имтиҳонсупорӣ муқаррар карда мешавад.

60. Донишҷӯе, ки ҳамаи талаботи Нақшаи таълимро пурра иҷро намудааст, ба аттестатсияи хатм роҳ дода мешавад, ки дар натиҷаи он ба хатмкунанда додани тахассуси (дараҷаи) «бакалавр», «мутахассис», «магистр» ва дипломи намунаи давлатӣ дар хусуси маълумоти олӣ ва нишони сарисинагии муқарраршуда дода мешавад. Ба диплом варақаи баҳоҳое, ки донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳ муваффақ шудааст, замима мегардад.

61. Ба донишҷӯёне, ки донишгоҳро тариқи таҳсили буҷавӣ хатм кардаанд ва мутобиқи қоидаҳои амалкунанда хоҳиши дар муддати 3 сол мутобиқи роҳхат дар истеҳсолот кор карданро надоранд, диплом, замимаи он ва маълумотнома доир ба таҳсил, баъд аз пардохт кардани маблағи пурраи солҳои таҳсил ба буҷаи давлат, дода мешавад. Инчунин, ба донишҷӯёне, ки тариқи буҷавӣ таҳсил карда истодаанд ва ё таҳсилро аз рӯи барномаи таълимии пурраи таҳсилоти олии касбии тиббӣ ба итмом нарасонида, хориҷ шудаанд, маълумотнома ва ҳуҷҷати расмӣ баъд аз пардохт кардани маблағи пурраи солҳои таҳсил ба буҷаи давлат, дода мешавад.

62. Ба донишҷӯёни Донишгоҳ, ки дар ҷараёни таҳсил муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда аз фанҳои Нақшаи таълимӣ на камтар аз 75% баҳои «аъло» ва боқӣ баҳои «хуб» дошта, санҷиши давлатиро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст намудаанд, бо қарори комиссияи аттестатсияи хатм дипломи аъло дода мешавад.

Донишҷӯёне, ки дар ҷараёни таълиму тарбия кӯшишу ғайрати хуб нишон додаанду рағбати пеш бурдани корҳои тадқиқотӣ доранд, тибқи Низомнома дар магистратура идомаи таҳсил карданашон мумкин аст.

63. Таҳсилоти шахсоне, ки омӯзишро аз рӯи барномаи таълимии асосии таҳсилоти олии касбӣ ба итмом нарасонидааст, аммо аз аттестатсияи фосилавӣ бомуваффақият гузаштаанд (на камтар аз ду соли таҳсил), таҳсилоти олии касбии нопурра шуморида шуда, ба онҳо тибқи банди 145 ҳуҷҷати расмӣ дода мешавад.

64. Ба донишҷӯёне, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил менамоянд, стипендия дода мешавад. Андозаи стипендия аз тарафи Донишгоҳ бо назардошти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои бо сарпарастон басташуда, муқаррар карда мешавад. Вале андозаи он аз андозаи муқарраркардаи давлат бояд кам набошад.

Бо қарори шурои олимон Донишгоҳ метавонад стипендияҳои номӣ таъсис диҳад, аз ҷумла стипендияи ректори ДДТХ.

65. Донишҷӯёни берунишаҳрӣ аз рӯи имконот бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд. Хобгоҳ дар асоси аризаи донишҷӯ бо қарори маъмурият ва кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳ дода мешавад.

66. Барои хониши аъло ва иштироки фаъолона дар корҳои илмӣ-тадқиқотию ҷамъиятӣ ба донишҷӯён чораҳои ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавӣ мувофиқи Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ татбиқ карда мешавад.

Ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавӣ аз рӯи пешниҳоди деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳо, раисони созмонҳои ҷамъиятии донишгоҳ, роҳбарони ҷузъҳои алоҳида ва мавзуъҳои илмию тадқиқотӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ сурат мегирад.

67. Барои иҷро накардани Нақшаҳои таълимӣ, вайрон намудани уҳдадориҳои дар Оинномаи мазкур пешбинигардида, аз ҷумла, барои вайрон кардани интизоми таълим, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Қоидаҳои зист дар хобгоҳ ва Қоидаҳои истифодабарии китобҳои китобхона чораҳои ҷазодиҳӣ то хориҷ намудан аз Донишгоҳ, ки дар Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат пешбинӣ шудааст, татбиқ карда шуданаш мумкин аст.

68. Интихоб ва шакли чораҳои ҷазодиҳӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз рӯи пешниҳоди деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳо, раисони созмонҳои ҷамъиятии донишгоҳ ва факултетҳо ва дигар хадамоти Донишгоҳ, роҳбарони марказҳо ва дигар қисматҳо, инчунин роҳбарони мавзуъҳои алоҳидаи илмӣ-тадқиқотӣ сурат мегирад.

69. Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, ки онро стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пешбинӣ кардааст, дар асоси шартномаҳои байни Донишгоҳ ва корхонаю муассиса ва ташкилотҳо сурат мегирад, ки мувофиқи онҳо ин корхонаю муассиса ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тобеияти идоравии худ, уҳдадоранд барои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни Донишгоҳ шароити мувофиқ муҳайё созанд.

70. Фарогирии нақшаи таълимии Донишгоҳ бо аттестатсияи хатми донишҷӯён хотима меёбад.

71. Донишгоҳ кори методиро ташкил мекунад ва ба роҳ мемонад. Ҳамоҳангсозии кори методӣ дар донишгоҳ аз ҷониби воҳидҳои марбута, иттиҳодияҳои (марказҳои) таълимию методӣ амалӣ мегардад.

72. Вазифаҳои тарбиявии Донишгоҳ якҷоя бо фаъолияти таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, табобатӣ, истеҳсолии донишҷӯён ва омӯзгорон амалӣ гардонида мешавад.

73. Вазифаҳои асосии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дар Донишгоҳ гузаронида мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳияи проблемаҳои назариявию амалӣ;
- таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълим;
- иҷрои корҳои таҳқиқотии дорои хусусияти илмию методӣ;
- иҷрои корҳои илмию тадқиқотии хусусияти экспериментолидошта;
- татбиқи дастовардҳои илмию тадқиқотӣ дар амалияи клиникӣ;
- Татбиқи лоиҳаҳои илмӣ –тадқиқотии иннаватсионӣ ва ворид намудани зеҳни сунъӣ

Тадқиқоти илмие, ки дар Донишгоҳ ба роҳ монда мешавад, бо назардошти афзалиятнокии онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағи аз иҷрои корҳои

шартномаҳои хоҷагӣ бадастомада, қарзи бонкҳо, маблағҳои худӣ, хайрияҳо ва дигар манбаъҳо маблағгузорӣ карда мешаванд.

74. Принсипи асосии илм дар Донишгоҳ аз ҳамоҳангсозии он бо ҷараёни таълим, муолиҷа, инчунин бо илмҳои академӣ ва соҳавӣ иборат аст.

75. Донишгоҳ тақиқоти илмӣ ва корҳои эҷодиро аз рӯи нақшаи мавзӯе, ки онро Шӯрои олимон тасдиқ менамояд, амалӣ сохта, истифодаи судманд ва босамари имкониятҳои илмии худ, сифати корҳои иҷрошаванда ва шароити бехатарии меҳнат, ҷалби васеи мутахассисони баландихтисос ва донишҷӯёнро барои иштирок дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ва эҷодӣ таъмин мекунад.

76. Донишгоҳ бо тартиби ҳатмӣ тадқиқотҳои бунёдӣ, ҷӯстуҷӯӣ ва амалиро, ки дар қисми таркибии тайёр кардани мутахассисон аст, татбиқ мекунад.

## 6. ФАЪОЛИЯТИ МУОЛИҶАВӢ ВА МАШВАРАТИИ ДОНИШГОҲ

77. Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис ҳақ дорад пойгоҳҳои (базаҳои) клиникии донишгоҳиро ташкил намояд.

78. Фаъолияти муолиҷавӣ ва машваратии Донишгоҳ самтҳои зеринро фаро мегирад:

- ҳамоҳанг сохтани кори муолиҷа, машваратӣ ва сарпарастии устодону омӯзгорони Донишгоҳ дар базаҳои клиникии он ва дар дигар муассисаҳои муолиҷавию профилактики тадуруст;
- тавсияи кормандони варзида ба вазифаҳои сармутахассисони ғайривоҳидии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳия ва тавсияи дастурҳои методӣ, дастурамалҳо, варақаҳои иттилоотӣ ва ғайра ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати татбиқи онҳо дар амал;
- роҳбарӣ ва назорати хушсифат гузаронидани таҷрибаи ҳамширагӣ ва табибии донишҷӯёни Донишгоҳ аз ҳисоби кормандони донишгоҳ амалӣ карда мешавад;
- назорат ва таҳлили самаранокии ёрии муолиҷавию ташхисӣ ва сарпарастию машваратие, ки кормандони Донишгоҳ дар муассисаҳои муолиҷавию Профилактикии ноҳияи Данғара, вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва ҷумҳурӣ мувофиқи шартномаҳо бо мақомоти тандурустӣ ба аҳолӣ мерасонанд;
- назорат аз болои ҷорӣ намудани усулҳои нави ташхис ва муолиҷа дар амалияи тиббӣ;
- назорати гузаронидани конференсияҳои клиникӣ ҷиҳати муҳокимаи ғалатҳои ташхису тактикӣ, мушкилот ва ҳолатҳои фавт;
- назорат аз болои аҳволи саломатии кормандон ва донишҷӯён ва ба онҳо расонидани кӯмаки лозима барои ташхис, муолиҷа ва барқароршавӣ;
- ташкил ва роҳбарӣ ба кори комиссия доир ба таҳлили ҳолатҳои фавт дар базаҳои клиникӣ;
- бастани шартномаҳо байни Донишгоҳ ва муассисаҳои муолиҷавию профилактикӣ;
- ҳамоҳанг сохтани қабул ва тақсими асбобу таҷҳизоти тиббӣ ва дигар маводи тиббии масрафшаванда, ки дар ихтиёри Донишгоҳ қарор доранд;

- ташкили аттестатсия ва интиқоли маводи дахлдор ба комиссияи тахассусии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба додани дараҷаҳои тахассусӣ;

- ташкил ва бастани шартномаҳо ҷиҳати расонидани ёрии муолиҷавӣ, машваратӣ ва сарпарастӣ бо ҳукумати минтақаҳо ва муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ дар асоси шартнома;

- дигар фаъолияте, ки аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» бармеоянд.

## 7. НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ, ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ

79. Низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар Донишгоҳ аз унсурҳои зерин иборат аст:

- таъмини раванди таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи талаботи низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ, стандартҳои тахассусии таҳсилоти миёнаи касбӣ, нақша ва барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- амалӣ намудани барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ;

- стандартҳои давлатии таълимии таҳилоти олии касбӣ ва нақшаю барномаҳои таълимӣ;

- иҷозатнома барои таҳсилоти иловагии олии касбӣ;

- озмоишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, хоҷагиҳои таълимию таҷрибавӣ, Коллеҷ, Клиникаи донишгоҳӣ, пойгоҳҳои клиникӣ, муолиҷавию профилактикӣ, фарматсевтӣ, фарҳангию маърифатӣ, ки бо тадқиқоти илмӣ машғуланд;

- иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

80. Стандартҳои давлатии таълимӣ ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд, дар Донишгоҳ барои таъмини муқаррароти зерин таъин шудаанд:

- сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- ягонагии фазои таълим;

- эътироф ва муқаррар намудани баробаразишии ҳуҷҷатҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ.

Стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз маҷмӯаи меъёрҳои зерин иборатанд:

- талаботи умумӣ ба барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- талабот ба ҳадди ақали ҳатмии мазмуни барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, вобаста ба шароити амалӣ гардонидани онҳо, аз ҷумла нисбати таҷрибаи

таълимию истеҳсолӣ, аттестатсияи хатми  хатмкунандагон ва дараҷаи тайёр намудани онҳо аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи таълим (ихтисос);

- муҳлати фаро гирифтани барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва хусусӣ;

- ҳаҷми ниҳоии сарборii донишҷӯён.

81. Барномаҳои таълимии донишгоҳ метавонанд муттасил ё ба таври зинагӣ тавассути низоми кредитии таълим ва ё анъанавӣ, мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи  мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ва илм амалӣ гардонида мешаванд.

82. Донишгоҳ системаи бисёрзинаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ ва фарматсевтиро аз рӯи нақшаҳои комплексии таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, ки мутобиқи талаботҳои стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ таҳия шудаанд, амалӣ менамояд.

83.  Донишгоҳ таҳсилоти олии касбии тиббӣ ва фармасевтиро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, муҳлати фарогирии барнома-ҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти низоми бисёрзинаи таълим дар доираи «Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти  тиббӣ ва фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №512 тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

84. Донишгоҳ ба хатмкунандагоне, ки аз аттестатсияи хатм гузаштаанд, дар бораи таҳсилоти марбута «Дипломи бакалавр», «Дипломи мутахассис», «Дипломи магистр» ҳуҷҷат ва нишонаи расмии давлатӣ инчунин нишонаи сарисинагии намунаи муқарраршуда медиҳад. Шакли ҳуҷҷати намунаи давлатӣ ва нишонаи сарисинагиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

85. Аз рӯи натиҷаи ҳимояи рисолаи илмӣ бо тартиби муқарраршуда дипломи номзади илм ё дипломи доктори илм – доктори фалсафа аз рӯи ихтисос PhD дода мешавад.

86. Тартиби додани ҳуҷҷатро дар бораи такмили ихтисос бо роҳи гузаштани курсҳои гуногун мақоми давлатии идораи маориф ва илми  Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

87. Донишгоҳ ҳуқуқи додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ  пас аз гузаштани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ пайдо мекунад.

88.  Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти олии касбии хатмкардагони  ДДТХ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он эътибор доранд.

## 8. ИДОРАКУНИИ ДОНИШГОҲ. НАЗОРАТ АЗ БОЛОИ ФАЪОЛИЯТИ ОН. ИҶОЗАТНОМАДИҲӢ, АТТЕСТАТСИЯ ВА АККРЕДИТАТСИЯИ ДОНИШГОҲ

89. Донишгоҳ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон,  ҳамин Оиннома, Қоидаи тартиботи дохилии меҳнат, Шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ  идора карда мешавад.

90. Роҳбарии умумӣ аз ҷониби Муассис амалӣ карда мешавад, ки он мақоми олии идоракунии Донишгоҳ мебошад.

91. Муассис Оинномаи Донишгоҳ ва ворид намудани тағйироту иловаҳоро ба он тасдиқ мекунад, тағйир додани андозаи сармояи Оиномавии Донишгоҳ, тасдиқи ҳисоботи солона ва тавозуни муҳосибии Донишгоҳ амалӣ месозад. Дар бораи азнавтаъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Донишгоҳ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод менамояд.

92. Бо мақсади пешбурди корҳои ҷории Донишгоҳ дар асоси усулҳои мувофиқати яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ мақоми иҷроия таъсис дода мешавад.

93. Мақомоти идоракунии Донишгоҳ инҳоянд:

- Муассис (мақоми олӣ дар идоракунии донишгоҳ);
- Шӯрои олимон (мақоми идоракунии коллегиалӣ);
- Ректорат бо сардории ректори Донишгоҳ (мақоми яккасардорӣ);.
- Донишгоҳ роҳбарии умумиро аз болои фаъолияти Коллеҷ низ ба амал бароварда, фаъолияти Коллеҷ мутобиқи Оинномаи худ, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, амалӣ мегардад.

94. Шурои олимон мақоми олии интихобӣ ва намояндагии Донишгоҳ буда, роҳбарии умумиро аз болои он ректор амалӣ менамояд.

95. Шурои олимони Донишгоҳ дар ҳайати ректори Донишгоҳ (раис), муовинон, сармуҳосиб, деканҳои факултетҳо, директори коллеҷ ва сардори воҳидҳои таркибӣ, мудирони воҳидҳои асосӣ ва кормандони дигари илмию омӯзгорӣ, инчунин намояндагии созмонҳои ҷамъиятӣ ташкил карда мешавад. Панҷоҳ фоизи шумораи умумии аъзои шурои олимонро бевосита ректори Донишгоҳ таъин менамояд. Панҷоҳ фоизи боқимондаи аъзои онро шуроҳои олимони факултетҳо пешбарӣ менамоянд. Ректори Донишгоҳ ҳайати умумии шурои олимони Донишгоҳро ба муҳлати 3 (се) сол тасдиқ мекунад.

Ташкили бевоситаи фаъолияти шурои олимони Донишгоҳ ба зиммаи котиби он гузошта мешавад. Ректори Донишгоҳ котиби шурои олимонро аз ҷумлаи аъзои Шӯрои олимон ба муҳлати 3 (се) сол ба вазифа таъин ва аз он озод менамояд.

Шурои олимони Донишгоҳ мувофиқи Низомномаи фаъолияти он ва ҳамин Оиннома қарорҳо қабул менамояд. қарорҳои шурои олимон баъд аз ба имзорасӣ аз ҷониби ректор эътибор пайдо мекунанд.

96. Тартиби кори шурои олимонро Низомнома дар бораи он, регламент, ки аз тарафи худи шуро тибқи қонунгузории ҷорӣ ва Оинномаи мазкур тасдиқ шудааст, муайян менамоянд.

97. Шакли асосии фаъолияти шурои олимон ҷаласаи он дониста мешавад. Ҷаласа дар он вақт салоҳиятдор ҳисоб карда мешавад, ки агар дар он аз 2/3 аъзои он иштирок дошта бошанд. Қарои шурои олимон бо тарафдории аксарияти яъзои дар маҷлис иштирокдошта қабул карда мешаванд.

**98. Шурои олимон:**

- Оинномаи Донишгоҳро таҳия ва масъалаи ба он ворид намудани тағйироту иловаҳоро баррасӣ намуда, барои тасдиқ ба Муассис пешниҳод менамояд;
- масъалаҳои асосии ташкили фаъолияти таълимӣ, таълимӣ-тарбиявӣ, илмӣ -тадқиқотӣ, муолиҷавӣ ва ғайраро дар самти тайёрӣ ва аз нав тайёр намудани мутахассисони дорои маълумоти касбии миёна, олӣ ва касбии махсус баррасӣ

менамояд. Аз ҷумла, номгӯи курсҳои омӯхташаванда, хаҷми онҳо, шаклҳои назорати дониши донишҷӯён, вақти ягонаи оғоз ва анҷоми даврaҳои таҳсил (семестрҳои) таълимиро муайян мекунад;

- масъалаҳои такмили идора ва сохтори Донишгоҳ, аз ҷумла ташкил, (барҳамдиҳии) марказҳо, пажуҳишгоҳҳо, коллеҷҳо, факултетҳо, кафедраҳо, шуъбаҳо, лабораторияҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро баррасӣ менамояд;

- масъалаҳои асосии инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳро баррасӣ менамояд;

- харҷномаи даромад ва хароҷоти ғайрибуҷавии Донишгоҳро муҳокима намуда, ҳисоботи солонаи иҷрои харҷномаи мазкурро мешунавад ва хулосагирӣ мекунад;

- ҳайати шурои ҳамоҳангсозӣ, шурои илмӣ-методӣ, шурои илмӣ-координатсионии Донишгоҳ ва шурои педагогии Коллеҷро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- натиҷаҳои фаъолияти солонаи таълимӣ, илмӣ, муолиҷавӣ, байналмилалӣ, тарбиявӣ ва хоҷагиро ҷамъбаст намуда, барои беҳтар намудани онҳо тавсия медиҳад;

- ҳисоботи фаъолияти мудирони кафедраҳо, факултетҳо ва фаъолияти ҷамъиятҳои илмӣ, директорони марказҳо, коллеҷҳо ва раисони шурои олимони факултетҳои дар назди Донишгоҳ қарордоштаро мешунаванд;

- нақша ва барномаҳои таълимии тайёр кардани бакалавр, мутахассисон, магистрон, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандонро тасдиқ намуда, дар номгӯйи барномаҳои таълимии махсуси мутахассисон бо назардошти тағйирёбии талаботи соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ вобаста ба ислоҳотҳои соҳавӣ, стандартҳои таҳсилоти олии касбии ҷаҳонӣ (ФТТУ- Федератсияи таҳсилоти тиббии умумиҷаҳонӣ) ва глобализатсия ба ҳаҷми соатҳои аудитории фанҳои таълимии нақшаҳои таълимии ихтисосҳо дар Донишгоҳ бо пешниҳоди қисми таълим то 10% тағйирот ворид менамояд. Инчунин нақша ва барномаҳои таълимии маълумоти миёнаи касбиро барои коллеҷ тасдиқ менамояд.

- меъёрҳои намунавии вақтро барои ҳисоби ҳаҷми умумии корҳои таълимӣ, ки аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон иҷро мешаванд, тағйир медиҳад ва пурра мегардонад;

- ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатҳои корӣ)-ро баррасӣ намуда ва низоми пардохти музди меҳнатро дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон барои тасдиқ пешниҳод мекунад. Имтиёзҳои дохилӣ барои ишғол намудани вазифаҳои дотсентон, профессорон ва дигар кормандони илмию таълимиро муқаррар ва татбиқ мекунад;

- низомнома оид ба фаъолияти илмии Донишгоҳро тасдиқ намуда, аттестатсияи онҳоро тасдиқ мекунад;

- аспирантура ва докторантураро мутобиқи қонунгузорӣ таъсис (ифтитоҳ) медиҳад;

- номзадҳоро барои дарёфти стипендиҳои Президентӣ, номӣ ва инчунин стипендиҳои шурои олимон аз ҷумлаи донишҷӯёни аълохони Донишгоҳ ва аспирантон тавсия менамоянд;

- номзадҳоро барои дохил шудан ба докторантура, гузаронидан ба вазифаҳои ходими хурд ва калони илмӣ, инчунин додани рухсати эҷодии 3 моҳа, 6 моҳа ва 1 сола барои ба анҷом расонидани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ тавсия намуда мавзӯи рисолаҳои докториро тасдиқ менамояд;

- мувофиқи тартиботи муқарраршуда, дар мувофиқа ба муассис, шуъбаҳо, намояндагиҳо ва ихтисосҳои нав боз менамояд;

- нақшаҳои дурнамо ва мавзӯи пажуҳишҳои илмиро баррасӣ намуда, тасдиқ менамояд;

- Оинномаи Коллеҷро таҳия ва барои тасдиқ ба Вазорати танудурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- Низомнома оид ба кафедраҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмию хидматгузории Донишгоҳро тасдиқ менамояд;

- Низомномаи эътидоли вазифаҳои вакантии ҳайати профессорон-муаллимонро тасдиқ мекунад;

- Комиссияи тафтишотиро интихоб, Низомнома ва ҳисоботи онро тасдиқ мекунад;

- интихоби довталабонро ба тариқи озмун барои ишғол кардани вазифаҳои вакантии ҳайати профессорону устодон амалӣ мекунад;

- масъалаҳои тайёрӣ, баланд бардоштани ихтисос ва ҳавасмандкунии кадрҳоро баррасӣ намуда, барои дохил шудан ба аспирантура, докторантура гузаронидани муаллимон ба вазифаи ходими илмӣ ва анҷоми рисолаҳои докторӣ тавсияҳо медиҳад;

- ҳайат ва хулосаи қарори комиссияҳо ва шӯроҳои доимию муваққатан амалкунандаро тасдиқ мекунад;

- масъалаҳои дигареро, ки қонунгузорӣ ба салоҳияти он мансуб намудааст, ҳал менамояд.

99. Ректорат мақоми иҷроияи Донишгоҳ ба шумор меравад, ки бо мақсади пеш бурдани корҳои ҷории фаъолияти Донишгоҳ дар асоси усулҳои мувофиқати яккасардорӣ ва дастаҷамъӣ таъсис дода мешавад, ки ба он ректор роҳбарӣ менамояд.

100. Ректор бо пешниҳоди Муассис аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз он озод карда мешавад.

101. Ба ректор иҷозат дода намешавад, ки ҳамзамон чӣ дар дохил ва чӣ берун аз Донишгоҳ вазифаи дигари роҳбарикунандаи муздикеро ишғол намояд, ба истиснои кори таълимӣ, илмӣ, методӣ ва муолиҷавӣ. Ректор наметавонад вазифаҳои худро ба тариқи ҳамкор иҷро намояд. Ҷавобгарии пурраи вазъи ҷараёни таълиму тарбия, корҳои илмӣ- тадқиқотӣ ва фаъолияти молию хоҷагии Донишгоҳ бар дӯши ректор аст.

102. Шакли асосии фаъолияти ректорат ҷаласаи он ба шумор меравад, ки моҳе як маротиба, ё ин ки дар ҳолатҳои зарурӣ бо ташаббуси ректор ё бо талаби 1/3 қисми аъзои он гузаронида мешавад.

103. Ҳайати аъзои ректоратро ректор ба муддати як соли таҳсил тасдиқ мекунад.

Ба ҳайати ректорат аз рӯи вазифаҳо дохил мешаванд: Ректор, муовинони ректор, ёварони ректор, ҳуқуқшинос, сармуҳосиб, деканҳои факултетҳо,

роҳбарони марказҳо, шуъбаҳо (филиалҳо), намояндагиҳо ва роҳбарони созмонҳои ҷаъмиятии Донишгоҳ. Ба ҳайати ректорат олимони шинохта ва мутахассисони варзида низ шомил шуда метавонанд.

104. Ректорат дар доираи салоҳияти хеш қарор қабул мекунад. Ҷаласаи ректорат дар сурате салоҳиятдор дониста мешавад, ки дар он 2/3 ҳиссаи аъзо ҳузур дошта бошанд. Қарор бо аксарияти овоздиҳии кушод қабул карда мешавад.

**105. Ректорати Донишгоҳ**:

- барои амалӣ шудани барномаи тайёр намудани мутахассисон чораҳо меандешад;
- масъалаҳои мустақилияти фаврию хоҷагии Донишгоҳ ва фаъолияти таълимӣ, методӣ, ташкилотию методӣ, маъмурию хочагии Донишгоҳро ҳал менамояд.
- доир ба истифодаи захираҳои Донишгоҳ қарор қабул менамояд;
- иҷрои воқеии Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат, қарорҳои шурои олимон, қарорҳои Коллективи меҳнатии Донишгоҳ, Шартномаҳои коллективӣ, нақшаҳои таълимӣ, илмӣ ва муолиҷавии Донишгоҳро таъмин менамояд;
- мақомоти назоратии дохилидонишгоҳиро таъсис ва барҳам медиҳад.

**106. Ректори Донишгоҳ**:

- барои ба вазифаи муовинони ректор ва сармуҳосиб таъйин кардан ва аз вазифа озод намудан ба Муассис номзадҳоро пешниҳод менамояд;
- барои ба вазифа таъин ва озод намудани муовинони директори Коллеҷ ба Муассис номзадҳоро пешниҳод менамояд;
- деканҳои факултаҳоро ба вазифа таъин ва озод менамояд;
- директори Клиникаи донишгоҳиро ба вазифа таъин ва озод менамояд;
- иҷрои қарорҳои Муассис, мақомоти давлатии идоракунии маориф ва илми ҷумҳурӣ, Шартномаи коллективи Донишгоҳ, шурои олимон ва ректоратро мувофиқи вазифа ва мақсадҳои Донишгоҳ таъмин менамояд;
- ба шурои олимони Донишгоҳ дар бораи ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба Оиннома, инчунин аз нав таҳрир кардани он таклифҳо пешниҳод мекунад;
- аз номи Донишгоҳ амал карда, бе ваколатнома манфиатҳои онро дар мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, бонкҳо ва дар назди ашхоси алоҳида ҳимоя менамояд;
- амвол ва маблағҳои пулии Донишгоҳро ихтиёрдорӣ мекунад;
- шартномаҳо имзо карда, ваколатнома медиҳад ва дар бонкҳо суратҳисобҳои Донишгоҳро мекушояд;
- кормандони Донишгоҳро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;
- дар доираи ваколати хеш фармоиш мебарорад, ки барои ҳамаи кормандон ва муҳассилини Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад;
- дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва воҳидҳои кории мавҷудбуда сохтори муассисаҳои зертобеъ, ки аз ҷониби вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ тасдиқ мешавад, воҳидҳои кории Донишгоҳро тасдиқ менамояд ва барҳам медиҳад;
- қоида ва низомномаҳои сохторҳои таркибии Донишгоҳро тасдиқ менамояд;
- воҳидҳои таркибӣ, мудирони воҳидҳои асосӣ ва роҳбарони муассисаҳои маъмурию хоҷагиро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад;

- кори ректоратро ташкил дода, ба он роҳбарӣ мекунад;

- шурои олимони Донишгоҳро ташкил намуда, ба он роҳбарӣ мекунад ва қарорҳои онро тасдиқ мекунад;

- ба Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкили Шӯроҳои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳ дархост пешниҳод менамояд;

- қабул, хатм, хориҷ, барқарор ва интиқол намудани донишҷӯён, табиб – интернаҳо, ординаторони клиникӣ, аспирантҳо ва докторантҳоро амалӣ мекунад;

- ҳисоботи солонаи Донишгоҳро ҳамасола ба Муассис пешниҳод менамояд;

- ваколатҳои дигаре, ки аз қонунгузории ҷорӣ ва ҳамин Оиннома бармеоянд, иҷро менамояд.

107. Роҳбарии фаъолияти факултетро декан ба уҳда дорад, ки онро Ректори Донишгоҳ аз ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муҳлати то 5 сол ба вазифа таъин ва аз он озод менамояд.

108. Декан вазифадор аст:

- роҳбарии бевосита ба корҳои таълимӣ-методӣ, ташкилӣ-методӣ, тарбиявӣ ва илмро дар факултет таъмин намояд;

- иҷрои нақшаҳо, барномаҳо ва ҷадвалҳои таълимиро таъмин менамояд;

- иҷрои ҷадвали машғулиятҳои таълимиро назорат намояд;

- баҳисобгирии пешрафт ва иштироки донишҷӯён, муқаррар намудани муҳлатҳои санҷишу имтиҳонсупорӣ ва таъмини ин раванд бо ҳуҷҷатҳои заруриро ташкил намояд;

- чорабиниҳоро оид ба ташкили ҷараёни таълим, баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисонро баррасӣ ва амалӣ намояд;

- ба ректор таклифот дар бораи гузаронидани донишҷӯён аз курс ба курс, ба онҳо додани рухсатии академикӣ, нақшаҳои инфиродӣ, хориҷ ва барқарор намудани донишҷӯёни Донишгоҳ пешниҳод намояд;

- роҳ додани донишҷӯён ба имтиҳонҳои давлатӣ, таълифи дипломҳо ва ҳимояи рисолаҳои дипломӣ бо пешниҳоди кафедраҳои тахассусӣ;

- баррасӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба беҳдошти шароити зисту маишӣ, моддӣ, нафосату саломатии донишҷӯён;

- якҷоя бо кумитаи иттифоқи касаба ва созмони ҷавонон муҳокима ва ҷудо намудани ордерҳо барои ҳуқуқи зист дар хобгоҳ;

- ҳал намудани дигар масоили дар салоҳияти ӯ буда мувофиқи Оинномаи мазкур ва Низомнома дар бораи деканат, ки онро ректор тасдиқ намудааст.

109. Дар факултет таҳти роҳбарии декан шурои олимони факултет ба муҳлати 3-сол ташкил карда мешавад. Тартиби ташкил ва ваколати Шӯрои олимони факултет ба монанди Шӯрои олимони Донишгоҳ аст, вале танҳо дар миқёси факултет амал мекунад.

110. Роҳбарии шурои олимони факултетро декани факултет ба уҳда дорад.

111. Барои ба роҳ мондани корҳои илмӣ-методӣ дар факултет шурои илмӣ-методӣ таъсис дода мешавад. Роҳбари шурои илмию методӣ аз ҳисоби устодони унвони илмидошта аз ҷониби шурои олимони факултет интихоб карда мешавад.

112. Роҳбарии фаъолияти кафедраҳо ба дӯши мудир аст. Интихоби мудири кафедра, ҳамчун қоида, аз ҷумлаи докторони илм, профессорон тибқи тартиботи муқарраргашта сурат мегирад.

113. Ишғоли вазифаҳои мудири кафедраҳо (умумидонишгоҳӣ ва факултетӣ), аз рӯи озмун ба муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ тибқи қоидаҳои амакунанда сурат мегирад.

114. Аттестатсияи Донишгоҳ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

115. Директори коллеҷ роҳбарии бевоситаи Коллеҷ, раиси шурои омӯзгорон буда, бо пешниҳоди ректори Донишгоҳ аз ҷониби вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва озод карда мешавад.

Ба вазифаи Директор шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбии тиббию фармасевтӣ ва таҷрибаи корӣ дар муассисаҳои таълимии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад. Директор оиди фаъолияти Коллеҷ ва ҳолати раванди таълиму тарбия масъул аст.

116. Директори Коллеҷ вазифадор аст:

- иҷрои фармону қарорҳои Муассис, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, ҷаласаҳои коллективи меҳнатӣ, шурои омӯзгориро мувофиқи мақсад ва вазифаҳои Донишкада таъмин менамояд;

- роҳбарии фаъолияти таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ, маъмурию хоҷагӣ, соҳибкорӣ, молӣ ва ғайраро ба дӯш дорад;

- ба кор қабул кардан, ба кори дигар гузаронидан, сабукдӯш намудан, бастан ва қатъ кардани шартномаҳои меҳнатӣ бо кормандон ва ходимони Коллеҷро тибқи қонунгузории ҷорӣ ва Оинномаи Коллеҷ амалӣ мегардонад;

- сохтори идоракунӣ, дастурҳои вазифавӣ, ҷадвали басти воҳидҳои корӣ, нақшаи харҷи иҷрои хизматрасонӣ, арзиши тайёркунӣ ва аз нав тайёркунии мутахассисон, арзиши маҳсулоти истеҳсолшавандаю хизматҳои анҷомёфтаро таҳия намуда, ба Муассис барои тасдиқ пешниҳод мекунад;

- бе ваколатнома Коллеҷро дар ҳама муносибатҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, пулӣ, молӣ, таълимӣ, илмӣ ва робита бо ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, муассисаҳо, корхонаҳо, шахсони воқеӣ ва алоҳидаи хориҷӣ намояндагӣ мекунад;

- дар ҳудуди маблағҳои ҷудокардашудаи буҷети Коллеҷ, бе риояи андозаи ниҳоӣ, барои дараҷаҳои муносиби омӯзгорону кормандон музди кор муайян мекунад;

- моликият ва дороии Коллеҷро ихтиёрдорӣ мекунад, аз номи Коллеҷ боваринома медиҳад, дар бонкҳои мувофиқ, муассиса ва ташкилотҳои қарздиҳанда суратҳисоб, ҳисоби асъорӣ ва дигар ҳисобҳоро мекушояд;

- чораҳои ҳавасмандкунии маънавию моддиро татбиқ мекунад;

- дигар вазифаҳоеро, ки ба салоҳияти Коллеҷ, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, марбут аст, адо менамояд;

- дар доираи ваколатҳои хеш фармоиш мебарорад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандон ва донишҷӯёни Коллеҷ ҳатмӣ мебошанд;

- ваколатҳои дигареро низ, ки аз қонунгузории ҷорӣ ва салоҳияти Коллеҷ бармеоянд, иҷро менамояд.

117. Директори Коллеҷ оид ба фаъолияти худ дар назди Донишгоҳ ҳисобот медиҳад.

118. Роҳбарии фаъолияти факултетро декан ба ӯҳда дорад, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ, ба мӯҳлати 5 сол ба ин мансаб таъин карда мешавад. Вазифаҳо, салоҳияи ва ваколатҳои декан тибқи Низомномаи факултет ва Қарорҳои Муассис муайян карда мешавад.

## IX. ҚАБУЛ БА ДОНИШГОҲ

119. Қабул ба Донишгоҳ мувофиқи аризаи шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ дар асоси озмун аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ тибқи қоидаҳои қабул анҷом дода мешавад. Қабул ба Коллеҷ ва хуқуқу уҳдадориҳои донишҷёни он тибқи муқаррароти Оинномаи Коллеҷ ба роҳ монда мешавад.

120. Тартиби ягонаи ба сафи донишҷӯёни Донишгоҳ қабул кардани шаҳрвандонро, дар ҳолате, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбӣ баъд аз муассисаи олии таълимӣ» муқаррар накарда бошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

121. Ҳангоми қабули донишҷӯён ба Донишгоҳ тибқи имкониятҳои воқеӣ, муайян кардани квотаи тайёркунии мақсадноки мутахассисони тиббию фармасевтӣ аз ноҳияҳо бо муттахассисон камтаъмин ва додани имтиёзҳои муайян ҳангоми дохилшавӣ ба назар гирифта мешавад.

122. Шартҳои озмун бояд риояи ҳуқуқи шаҳрвандонро дар соҳаи маориф кафолат диҳад ва ба он мусоидат намояд, то шаҳрвандони қобилияти бештардошта, ба омӯхтани барномаҳои таълимии дараҷа ва (ё) зинаи дахлдор омодаанд, пас аз имтиҳони дохилшавӣ қабул шаванд.

123. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикисон ҳуқуқ доранд дар асоси озмун пас аз имтиҳони дохилшавӣ дар Донишгоҳ ба таври ройгон маълумоти олиии касбӣ гиранд, агар ин сатҳи таҳсилот бори аввал гирифта шуда, аз ҷониби буҷаи дахдори давлатӣ маблағгузорӣ гардад.

124. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад қабули шаҳрвандонро танҳо дар сурати мавҷуд будани иҷозатнома эълон намояд ва вазифадор аст довталабонро бо иҷозатномаи мазкур, ҳамчунин бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ доир ба ҳар як соҳаи таълим (ихтисос), ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи ҳуҷҷати намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ медиҳад, шинос намояд. Бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намудани довталаб оид ба кадом соҳаи таълим (ихтисос)-ро интихоб кардани ӯ ё набудани чунин шаҳодатнома дар ҳуҷҷатҳои қабул қайд карда мешавад ва ба он довталабон имзо мегузоранд.

125. Барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи касбии самти дахлдор бо қарори шурои олимони Донишгоҳ, гирифтани таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаи маҳдуд ё суръатноки омӯзишии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иҷозат дода мешавад.

126. Нақшаи умумии аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ қабул кардани донишҷӯён ба Донишгоҳ аз тарафи Муассис дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

127. Довталабон ба таълими пулакӣ танҳо баъди супоридани имтиҳонҳои қабул ва пардохти ҳаққи таълим (мувофиқи шартнома) қабул карда мешаванд. Аз таълими пулакӣ ба таълими ройгон ва аз таълими ройгон ба таълими пулакӣ

гузаронидани донишҷӯён иҷозат дода мешавад. Тартиби онро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муайян менамояд.

128. Ба аспирантураи Донишгоҳ дар асоси озмун шахсоне, ки таҳсилоти олии касбии мутахассис ё магистр доранд, қабул карда мешаванд. Таълими аспирантура дар шӯъбаи рӯзона 3 сол ва дар шӯъбаи ғоибона 4 сол муқаррар карда мешавад.

139. Ба докторантураи Донишгоҳ, муассисаю ташкилотҳои илмии мустақили он шахсоне, ки дараҷаи илмии номзади илм доранд, қабул карда мешаванд.

Муҳлати таҳсил дар докторантураи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ то се сол мебошад. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи алтернативии докторантура аз рӯи ихтисоси муайян бо додани дараҷаи олии академӣ- доктори PhD, доктор аз рӯи ихтисос баъди хатми барномаи таълимии касбии магистратура амалӣ мегардад, ки муҳлати таҳсил дар он на камтар аз се сол мебошад.

130. Шаҳрвандони хориҷӣ ба сафи донишҷӯён, ординатураи клиникӣ, аспирантура ва докторантураи Донишгоҳ, тибқи қарордодҳои байналмилалӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ ва шартномаҳои инфиродӣ баъди баробараразишкунии ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот қабул карда мешаванд.

131. Қабул ба сафи донишҷӯён, магистратура, интернатура, ординатураи клиникӣ, аспирантура ва докторантура мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

132. Қабули мутахассисон ба ординатураи клиникӣ дар асоси озмун, нақшаи қабул ба ординатураи клиникӣ ва протоколи тақсимоти фардии хатмкунандагони донишгоҳ ба таври шартномавӣ ва ё буҷавӣ ба муҳлати 2 сол амалӣ мегардад,

133. Қабул ба интернатура дар асоси протоколи тақсимоти фардии хатмкунандагони донишгоҳ тибқи тартиби муйаянгардида ва аризаи мутахассис ба муҳлати 11 моҳ ба таври шартномавӣ ва буҷавӣ гузаронида мешавад.

## Х. ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИИ ОНҲО

134. Донишҷӯ шахсе мебошад, ки бо тартиби муқарраршуда ба Донишгоҳ қабул карда шуда, дар шуъбаҳои рӯзона бо мақсади гирифтани зинаи муайяни таҳсилот ва ихтисос таҳсил менамояд.

135. Ба донишҷӯи Донишгоҳ шаҳодатномаи донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳонотии намунаи муқарраршуда дода мешавад.

136. Донишҷӯёни Донишгоҳ ҳуқуқ доранд:

- дар таҳияи мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимии худ бо риояи талаботи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ иштирок намоянд. Ин ҳуқуқи онҳо бо шартҳои қарордоди байни донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки барои таҳсил ва ба кор таъмин кардани онҳо мусоидат мекунад, маҳдуд шуда метавонад;

- курсҳои факултативӣ (барои самти нишондодашавандаи таълим (ихтисос)) ва курсҳои элективиро (ба таври ҳатмӣ интихобнамуда), ки аз ҷониби факултет ва кафедраи дахлдор пешниҳод мегарданд, интихоб намоянд;

- ғайр аз фанҳои таълимии (ихтисосии) соҳаи интихобшуда ҳар гуна фанҳои дигареро, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таълим дода мешаванд, бо

тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи он, инчунин фанҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дигар таълимдодашавандаро аз бар намоянд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тахассуси ҳарбӣ таълим гиранд;

- тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз шакли таълими пулакӣ ба шакли таълими ройгон гузаранд;

- дар муҳокима ва ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла, ба воситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф ва илм иштирок намоянд;

- аз китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, фондҳои иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахшҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва бахшҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода намоянд;

- дар корҳои илмию таҳқиқотӣ, конференсияву симпозиумҳо ва маҳфилу озмунҳо иштирок ва баромад намоянд;

- асарҳои худро барои чоп, аз ҷумла дар нашрияҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод кунанд;

- аз амру фармоишҳои маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дахлдор шикоят кунанд.

137. Донишҷӯёни Донишгоҳ, ки дар шуъбаҳои рӯзона таҳсил мекунанд ва аз ҳисоби маблағи буҷети давлатӣ таълим мегиранд, ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стипендия таъмин карда мешаванд. Тартиби муқаррар ва пардохти стипендия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

138. Донишҷӯёни Донишгоҳ дар асоси низомномаи дахлдор ҳуқуқ доранд стипендияи муқаррарнамудаи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқиро, ки онҳоро барои таҳсил фиристодаанд, инчунин стипендияҳои шахсан таъиншударо гиранд.

139. Барои донишҷӯёни шакли рӯзонаи таҳсилот, ки Донишгоҳ таҳсил мекунанд, муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ мутобиқи қонун дар давраи таҳсил ба таъхир андохта мешавад.

140. Донишҷӯёни Донишгоҳ ҳуқуқ доранд, аз китобхонаҳои давлатӣ ройгон истифода баранд ва ҳамчунин ройгон вориди осорхонаҳои давлатӣ шаванд.

141. Барои донишҷӯён Донишгоҳ дар як соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад.

142. Донишҷӯи эҳтиёҷманди манзил дар хобгоҳ (ба шарте ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фонди дахлдори манзил дошта бошад) бо ҷойи хоб таъмин карда мешавад.

143. Донишҷӯёни Донишгоҳ барои комёбиҳо дар таҳсил ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ мутобиқи Оинномаи Донишгоҳ бо мукофотҳои маънавӣ ва ё моддӣ сарфароз гардонида мешаванд.

144. Донишҷӯёне, ки ба оилаҳои камбизоат мансубанд ва дар асоси шартнома таҳсил менамоянд, баъди чаҳор семестрро бо баҳои «хуб» ва 75 фоиз «аъло» супоридан, ҳуқуқ доранд, бо қарори шурои олимони Донишгоҳ ба таҳсили

ройгон гузаранд. шурои олимон дар ин хусус метавонад қарор қабул намояд, агар ки маблағи буҷаи ҷудокардашуда ба Донишгоҳ имкон фароҳам созад.

145. Ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кафолати ба таври озод ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё ихтисоси дигар бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ва илм гузаштан дода мешавад. Дар мавриди гузаштани донишҷӯ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбӣ тамоми ҳуқуқҳое, ки барои донишҷӯ бори аввал дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудаанд, маҳфуз мемонанд.

146. Масъалаи додани рухсатии академӣ, хориҷ, барқарор кардан ва интиқоли донишҷӯён тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда сурат мегирад.

147. Ба донишҷӯи Донишгоҳ аз рӯи нишондоди тиббӣ ва дар ҳолатҳои дигари истисноӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми давлатии идораи маориф ва илм рухсатии академӣ дода мешавад. Додани рухсатии академӣ, хориҷ, барқарор кардан ва интиқоли донишҷӯён дар Донишгоҳ аз ҷониби Комиссияи амалкунандаи донишгоҳӣ дар асоси пешниҳоди деканати факултетҳо ҳаллу фасл гашта, бо саннади дахлдор ба расмият дароварда мешавад.

148. Додани рухсатии академӣ дар чунин ҳолатҳо ҷой дошта метавонад: аз рӯи беморӣ, вазъи оилавӣ ва молиявӣ.

Рухсатии академӣ аз рӯи беморӣ ба донишҷӯён дар асоси нишондодҳои тиббӣ, дар баробари муваққатан корношоям будан ба сабаби тӯлкашии беморӣ ва ҳолати ҳамлу таввалуд дода мешавад. Ин масъала дар асоси хулосаи комиссияи тибии машваратӣ (КТМ), дар хусуси зарур будани додани рухсатии академӣ ҳалли худро меёбад. Дар ин сурат донишҷӯро лозим аст, ба КТМ нусхаи таърихи беморӣ, гувоҳнома дар бораи корношоямии муваққатияшро пешкаш намояд.

Додани рухсатии академӣ аз рӯи вазъи оилавӣ ва молиявӣ барои нигоҳубини волидони гирифтори бемории вазнин, ҳамсарон ё фарзандон (дар сурати манзур кардани ҳуҷҷатҳои дахлдор), камбизоатӣ, бесарбон мондан ҳаллу фасл мегардад.

Донишҷӯёнро дар ҳолати беморӣ, рухсатии академӣ ё худ рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд хориҷ кардан мумкин нест.

149. Донишҷӯ баъди ихтиёран ё бо сабабҳои дигар тарк кардани Донишгоҳ зимни боқӣ мондани ҳамон шакли таълим (ройгон ё пулакӣ), ки мутобиқан пеш аз тарк кардан таҳсил мекард, ҳуқуқ дорад барои таҳсил ба Донишгоҳ (то 5 сол) барқарор гардад. Дар сурати аз 5 сол зиёд карор доштани донишҷӯ дар давраи хориҷ бо иҷозати Вазорати маориф ва илми ҶТ барқарор карда мешавад

150. Хатмкардагони Донишгоҳ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кор таъмин карда мешаванд.

151. Донишҷӯёни Донишгоҳ ҳақ доранд аз дигар ҳуқуқу имтиёзҳо ва кафолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, истифода намоянд. Донишҷӯёни курсҳои 4 - 6-уми донишгоҳ баъди бомуваффақият гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолии ҳамширагӣ ҳуқуқ доранд, ки ба ҳайси ҳамкор дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ ба сифати корманди миёнаи тиб ва донишҷӯёни курсҳои поёнӣ (1-3) ба ҳайси корманди хурди тиб фаъолият намоянд.

152. Донишҷӯёни Донишгоҳ уҳдадоранд:

- донишҳои назариявӣ, маҳорати амалӣ ва методҳои муосири таҳқиқро аз рӯи ихтисоси интихобнамудаашон азхуд кунанд;

- дар муҳлатҳои муқарраршуда ҳамаи супоришҳои дар нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ пешниҳодгардидаро иҷро намоянд;

- баҳри баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, камолоти ахлоқӣ саъю кӯшиш кунанд;

- арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва маънавиро пос доранд;

- Оиномаи Донишгоҳ, қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳ, қарорҳоии шурои олимон ва ректорати Донишгоҳ, Кодекси ахлоқи донишҷӯӣ, Қаидаҳои зист дар хобгоҳҳо ва дигар талаботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

- санадҳои ҳуқуқии мақомоти идоракунии соҳаи маорифро иҷро ва риоя намоянд;

- аз телефонҳои мобилӣ дар раванди таълим истифода накунанд;

- ба амвол ва сарвати Донишгоҳ, ҳамчунин ба сарулибоси махсус, маҳсулоти хом, китоб ва ғайраро, ки Донишгоҳ ба ихтиёрашон вогузоштааст, эҳтиёткорона муносибат кунанд. Ҳангоми расонидани зарар (барқасдона шикастан, несту нобуд кардани амвол) ба донишгоҳ товони онро пурра диҳанд;

- қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор ва ҳифзи муҳити зистро риоя намоянд;

- баъд аз хатми Донишгоҳ тибқи нақшаи тақсимоти шахсии мутахассисони ҷавон барои дарёфти кор аз рӯи ихтисос мутобиқи қарори комиссияи бакортақсимкунии давлатӣ ба кор ҳозир шаванд ва онҳое, ки аз ҳисоби сарпарастон ва дигар сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ таҳсил намудаанд, ба ихтиёри сарпарасташон ҳозир шаванд.

153. Донишҷӯ аз Донишгоҳ дар ҳолатҳои зерин хориҷ карда мешавад:

- бинобар вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ;

- бо сабаби гузаштан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;

- барои давомоти нокифоя;

- барои қарздории академӣ;

- пас аз рухсатии академӣ ба таълим шурӯъ накардан;

- саривақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома;

-дар муҳлати муқарраргардида насупоридани се ва зиёда аз он санҷишу имтиҳон;

- ҳангоми нагузаштани таҷрибаи истеҳсолии давлатӣ;

- барои содир кардани ҷиноят;

- ба хоҳиши худ;

- пас аз фавт;

- барои вайрон кардани интизоми таълим, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Оинномаи Донишгоҳ, аз ҷумла дар ҳолати мастӣ ба Донишгоҳ ҳозир шудан, тамоку кашидан дар биноҳои таълимӣ, барқасд шикастани асбобу анҷом ва лавозимоти таълимӣ, табобатӣ, ҳоҷагӣ, ташкил намудани ҷангу ҷидол, ислоҳ намудани ҳуҷҷатҳои таълимӣ, истифодаи телефонҳои мобилӣ ва намуди зоҳирии беназофат;

- дигар ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

154. Донишҷӯ бо қарздории академӣ аз сафи донишҷӯён дар он сурат хориҷ карда мешавад, ки агар:

- се ва зиёда имтиҳонро (фанро) ё худи ҳамон имтиҳонро се маротиба такроран супорида натавониста бошад, (ба истиснои донишҷӯи тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда);

- имтиҳонҳои давлатии хатмкуниро супорида натавониста бошад (баъди кӯшиши аввалин);

- аз имтиҳони давлатии гузариши ва як имтиҳони ҷорӣ баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифта бошад;

- агар қарзи академии худро дар муҳлати муқарраргардида аз семестри гузашта супорида натавониста бошад.

155. Хориҷ намудан барои давомоти нокифоя дар сурате имконпазир аст, ки агар донишҷӯ зиёда аз 48 соат бе сабаб дар дарсҳо иштирок накарда бошад.

156. Барои риоя накардани уҳдадориҳое, ки дар Оинномаи Донишгоҳ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, баъди гирифтани баёноти хаттӣ, мумкин аст донишҷӯ ба танбеҳи интизомӣ кашида ва ҳатто аз Донишгоҳ хориҷ карда шавад.

157. Танбеҳи интизомӣ ба донишҷӯ на дертар пас аз як моҳи ошкор шудани рафтори ӯ ва на дертар пас аз шаш моҳи содир гардидани чунин рафтор дода мешавад, ки ба ин муҳлати беморию донишҷӯ ва (ё) вақти таътили ӯ дохил намешавад.

158. Шунавандагони Донишгоҳ шахсоне дониста мешаванд, ки дар Маркази омодагии қаблӣ, марказҳо ва муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон, инчунин дар интернатура, ординатураи (резидентураи) Донишгоҳ таҳсил менамоянд.

159. Вазъи ҳуқуқии донишҷӯёни Коллеҷро Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва локалии Коллеҷ муайян менамояд.

160. Вазъи ҳуқуқии шунавандагони Донишгоҳ ба вазъи ҳуқуқии донишҷӯи муассисаи таҳсилоти олии касбии шакли марбутаи таълим баробар аст.

161. Шахсоне, ки дар ординатура таҳсил мекунанд ё таҳсили тахассусии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар Донишгоҳ аз ҳисоби буҷет идома медиҳанд, бо стипендияи давлатӣ таъмин карда мешаванд ва аз таътили ҳарсолаи 24 – рӯза истифода мебаранд.

## XI. ТАҲСИЛОТИ ТИББИИ БАЪДИДИПЛОМӢ ИНТЕРНА ВА ОРДИНАТОРОНИ КЛИНИКӢ: ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

162. Таҳсилоти олии касбии баъдидипломии тиббӣ дар Донишгоҳ дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои интернатура, ординатура ва магистратура ба амал бароварда мешавад.

163. Комиссияи аттестатсионии хатми интернатура аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъин карда мешавад. Раиси Комиссия, аъзои он, макони баргузории имтиҳон ва вақти он бо фармоиши Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муқаррар карда мешаванд.

164. Баъди бомуваффақият супоридани имтиҳони хатми интернатура ба табиб-интерн шаҳодатнома дар бораи хатми интернатура бо дарҷи ихтисос дода мешавад.

165. Қабул ба интернатураи клиникӣ ва ординатураи клиникӣ тибқи тартиби муайянамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амлӣ карда мешавад;

166. Ҳуқуқ ва дигар уҳдадориҳои интернатураи клиникӣ ва ординатураи клиникиро Низомномаи сохтории он муқаррар менамояд.

## XII. АСПИРАНТҲО, УНВОНҶӮЁН ВА ДОКТОРАНТҲО: ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ОНҲО

167. Шакли асосии тайёр кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос аспирантура ва докторантура мебошад.

168. Аспирантура ва докторантура барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии шаҳрвандон ва дарёфти дараҷаи илмии номзад ё доктори илм шароит муҳайё мекунад.

169. Ба аспирантураи Донишгоҳ шахсоне қабул карда мешаванд, ки аз рӯи ихтисосҳои тибби назарявӣ пас аз хатми магистратураи равияи муайяни тибби назариявӣ ва ё донишгоҳро бо баҳои аъло хатм намудаанд. Инчунин, қабул ба аспирантура аз рӯи ихтисосҳои тибби клиникӣ баъди хатми ординатура ва се соли кор ё хатми магистратура дохил шудан мумкин аст.

170. Ба шахсоне, ки ба супоридани имтиҳони аспирантура иҷозат доранд, ба муҳлати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатӣ бо пардохти музди миёнаи корашон аз тарафи корхона дода мешавад.

171. Барои шахсоне, ки дар бахши рӯзонаи аспирантура аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунанд, стипендияи давлатӣ муайян карда мешавад ва онҳо ҳар сол ба муддати ду моҳ ба таътил мебароянд.

172. Аспирантҳои бахши ғоибона ҳар сол аз ҷои кор ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ бо пардохти музди миёнаи маош ҳуқуқ ба рухсатии иловагӣ доранд.

173. Аспирантҳои бахши ғоибона ҳар ҳафта барои як рӯз аз кор озод шудан бо пардохти панҷоҳ фоизи музди меҳнат ҳуқуқ доранд. Ташкилоти кордиҳанда ҳуқуқ дорад аспирантҳоро дар соли чоруми таҳсил мувофиқи хоҳиши онҳо ба таври илова бе пардохти музд ҳар ҳафта ду рӯз аз кор озод намояд.

174. Аспирантҳои бахши ғоибона дар давраи супурдани имтиҳон ва навиштани рисолаи илмӣ бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд (ба шарте ки Донишгоҳ фонди манзил дошта бошад).

175. Ба докторантҳо стипендияи давлатӣ ба андозаи на камтар аз маоши дотсент ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад. Ҳуқуқҳои дар ҷои кор пеш аз дохил шудан ба докторантура доштаи докторантҳо (ҳуқуқи гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқи баргаштани онҳо ба ҷои кори пешина ҳифз карда мешавад.

176. Ба ҳар аспиранту докторанте, ки аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунад, барои хариди китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кӯмакпулӣ дода мешавад. Ба аспиранту докторанте, ки аз ҳисоби маблағи супоришдиҳандагон таҳсил мекунад, бо созиши онҳо барои харидани китобҳои

илмӣ ҳар сол ба андозаи на кам аз ду стипендия кӯмакпулӣ дода шуданаш мумкин аст.

177. Унвонҷӯёне, ки дар таълифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм таҳқиқот мебаранд ва аз рӯи масъалаи мубрами иҷтимоию иқтисодӣ ё самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти бунёдии илмӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд, бо мақсади таҳияи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм метавонанд ба муҳлати то ду сол ба вазифаи кормандии калони илмӣ гузаронида шаванд. Барои унвонҷӯёне, ки ба вазифаи кормандони калони илмӣ гузаронида шудаанд, бо нигоҳ доштани маоши вазифавии пешинаашон, ҳуқуқи ба ҷои кори пештара гузаштан дода мешавад.

178. Барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхона ва муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон мутаносибан ба муҳлатҳои се ва шаш моҳ бо нигоҳ доштани музди меҳнат рухсатии эҷодӣ дода мешавад.

179. Докторантҳо, аспирантҳо ва унвонҷӯён аз дигар ҳуқуқу вазифаҳое бархӯрдоранд, ки аз низомномаҳое, ки дар бораи докторантура, аспирантура ва ғайра ба тарзи муқарраргардида тасдиқ мегарданд.

180. Низомнома оид ба докторантҳо, аспирантҳо ва унвонҷӯён аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шурои олимони Донишоҳ тасдиқ карда мешавад

## XIII. ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ МУАЛЛИМОН ВА КОРМАНДОНИ ДОНИШГОҲ, ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ ОНҲО

181. Дар Донишгоҳ вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ (ҳайати профессорону муаллимон, кормандони илмӣ), муҳандисию техникӣ, маъмурию хоҷагӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёрирасон ва ғайра пешбинӣ мешаванд.

182. Ба ҳайати профессорону омӯзгорон декани факултет, мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон, муаллим ва ассистент мансубанд.

183. Ба мақсади баланд бардоштани сифати тайёр кардани мутахассисон дар шароитҳои нави иқтисодӣ ба даст овардани таносуби миқдори омӯзгорону донишҷӯён дар курсҳои якуму дуюм ва курсҳои минбаъда тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда сурат мегирад.

184. Ишғол намудани ҳамаи вазифаҳои кормандони илмӣ-омӯзгорӣ дар Донишгоҳ, ба истиснои вазифаҳои муовини ректор, декани факултет мувофиқи шартномаи меҳнатӣ, ки ба муҳлати чор сол имзо карда мешавад, сурат мегирад.

185. Мудири кафедраи Донишгоҳ дар асоси озмун интихоб мешавад. Низомнома оид ба тартиби ишғоли вазифа ва гузаштан аз озмунро барои иҷрои вазифаи мудири кафедра мақомоти давлатии идораи маориф ва илм таҳия ва тасдиқ менамояд. Дар ҳолатҳои норсоии кадрии илмӣ, ба таври истисно бо фармоиши ректор мудири кафедра ба вазифа таъйин карда мешавад.

186. Ба кор қабул кардани кормандони илмию омӯзгори Донишгоҳ мутобиқи шартномаи меҳнатӣ амалӣ карда мешавад. Пеш аз бастани шартномаи меҳнатӣ кормандони илмию омӯзгорӣ аз озмун мегузаранд.

187. Сарбории таълимии ҳайати профессорону устодон аз тарафи Донишгоҳ тибқи қоидаҳои амалкунанда бо назардошти тахассус, хусусият ва аҳамиятнокии фаъолияти онҳо муқаррар карда мешавад.

188. Кормандони илмию омӯзгории Донишгоҳ ҳуқуқ доранд:

- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои марбут ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат намоянд;

- аз хидмати китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, фондҳои иттилоотӣ, шуъбаҳои илму таълим ва ҳамчунин аз хидмати шуъбаҳои иҷтимоию маишӣ, табобатӣ ва шуъбаҳои дигари сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи Оинномаи он ва (ё) шартномаи коллективӣ ба таври ройгон истифода баранд;

- мазмуни курсҳои таълимиро мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян кунанд;

- усул ва воситаҳои таълимро, ки ба хусусиятҳои фардии ҳар кадоми онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд ва сифати баланди раванди таълимро таъмин менамоянд, интихоб намоянд;

- бо тартиби муқарраргардида ба Шӯрои олимони Донишгоҳ интихоб кунанд ва интихоб шаванд;

- аз имтиёзҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва шартномаҳои коллективии Донишгоҳ ва ҳамчунин қарорҳои Шӯрои олимони Донишгоҳ муқаррар кардаанд, истифода баранд;

- аз болои фармоишу супоришҳои маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ шикоят кунанд.

- кормандони кафедраҳои клиникии донишгоҳ дар қатори сарбории таълимию тарбиявӣ, илмию тадқиқотӣ дар шароити пойгоҳи клиникӣ ба корҳои ташхисию табобатӣ ва машваратӣ машғул шаванд.

189. Кормандони илмию омӯзгории Донишгоҳ уҳдадоранд:

- самараи баланди раванди кори омӯзгорӣ ва илмиро таъмин кунанд;

- талаботи Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбиро риоя намоянд;

- донишомӯзонро дар рӯҳияи мустақилият, ташаббускорӣ тарбия кунанд, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд;

- ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавӣ эҳтиром гузоранд;

- барои такмили ихтисоси худ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии касбӣ пайваста кӯшиш намоянд;

- дар раванди таълим аз телефонҳои мобилӣ истифода набаранд.

- Кодекси ахлоқи омӯзгори донишгоҳро риоя намоянд

190. Кормандони илмии Донишгоҳ ҳуқуқ доранд он усулҳо ва воситаҳои гузаронидани таҳқиқоти илмиеро интихоб намоянд, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавобгӯ бошанд, ба қобилияти инфиродии онҳо бештар мувофиқат кунанд ва сифати баланди раванди илмиро таъмин намоянд.

191. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони маъмурию хоҷагӣ, муҳандисию техникӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёридиҳанда ва дигар кормандони Донишгоҳро қонунгузорӣ оид ба меҳнат, Оинномаи мзкур, қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳ ва дастурҳои вазифавӣ (мансабӣ) муайян мекунанд.

192. Барои комёбиҳои таълимӣ, методӣ, илмӣ, тарбиявӣ, муолиҷавӣ ва дигар фаъолияти пешбинишуда ҳайати профессорону устодон ва дигар кормандони Донишгоҳ тибқи Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат бо шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунии маънавию моддӣ қадр карда мешаванд.

193. Ҳуқуққои мушаххас ва вазифаҳои ҳайати кормандони таълмию ёрирасон ва маъмуриву хоҷагӣ тавассути қоидаҳои амалкунандаи Донишгоҳ ва дастурҳои мансабӣ муайян карда мешаванд.

## XIV. ОМОДАГӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ ИЛМИЮ ОМӮЗГОРӢ. УНВОНҲОИ ИЛМӢ

194. Кормандони илмию омӯзгорӣ дар аспирантура ва докторантура, ҳамчунин бо роҳи вобаста намудани унвонҷӯён ба донишгоҳ барои навиштан ва дифои рисолаи номзади илм ё доктори илм ё бо роҳи ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидани кормандон ҷиҳати таълифи рисолаи докторӣ омода карда мешаванд.

195. Кушодани аспиратура ва докторантура дар Донишгоҳ мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

196. Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис дар сурати мавҷуд будани кадрҳои зарурӣ, заминаи моддӣ ва маблағи кифоя метавонад донишкадаи такмили ихтисос, филиали донишгоҳ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, марказҳои илмӣ, коллеҷҳо литсейҳо, гимназияҳо, клиникаҳо ва дигар воҳидҳои таркибӣ таъсис диҳад.

197. Донишгоҳ шаклҳои зерини такмили ихтисосро низ муқаррар мекунад:

- коромӯзии илмӣ, омӯзгорӣ, ихтисосгирии аввалия, эҷодӣ, аз ҷумла, дар корхонаҳо, институтҳои илмию таҳқиқотӣ, марказҳои ташхиси беморӣ, бюроҳои конструкторӣ, дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла дар хориҷа;
- рухсатиҳои эҷодӣ барои ба итмом расонидани рисолаи илмӣ;
- такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар донишкадаҳо, факултетҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;
- бозомузӣ ва таълим дар факултетҳо ва курсҳои махсуси назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

198. Такмили ихтисоси кормандони илмию омӯзгориро ҳамчунин аз рӯи шартномае, ки шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилоту муассисаҳои илмӣ мебанданд, аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ метавон амалӣ кард.

199. Донишгоҳ мувофиқи барномаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва нақшаи мавзуъҳои тасдиқнамудаи шурои олимон тадқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалиро ба роҳ монда, истифодаи оқилона ва самараноки нерӯи илмии дар ихтиёрашбударо таъмин менамояд. Фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар Донишгоҳ дар ҳамгироӣ бо ҷараёни таълим бо ҷалб намудани донишҷӯён ба тадқиқоти илмӣ сурат мегирад.

Навъҳои асосии тадқиқоти илмӣ инҳоянд:

- тадқиқи проблемаҳои бунёдӣ ва амалии илмӣ,
- анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ;
- таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва нашри рӯзномаю маҷаллаҳо;

- дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ҷорӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ташвиқу тарғиби дастовардҳои илм, техника, фарҳанг ва маълумот.

Тадқиқоти илмие, ки дар Донишгоҳ гузаронида мешавад, асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маблағи аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада (яъне маблағҳое, ки Донишгоҳ дар натиҷаи расондани хизматҳои пулакӣ ба даст овардааст, қарзи бонкҳо ба Донишгоҳ, кӯмакҳои молиявии башардӯстона ва ғайра) таъмин карда мешавад.

200. Дар Донишгоҳ унвони илмии профессор ва дотсент ба шахсони дорандаи дараҷаи илмии доктори илм ё номзади илм, ки дар Донишгоҳ ба фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва методӣ машғуланд, бо назардошти ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

201. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки тибқи Низомномаи тасдиқнамудаи шурои олимони донишгоҳ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони дигар давлатҳоро бо унвони «Профессори фахрии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» мушарраф гардонад.

## XV. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ ДОНИШГОҲ

202. Муассис бо мақсади таъмини фаъолияти дар Оиннома пешбинишуда биною иншоот, комплексҳои молу мулк, таҷҳизот ва ҳамчунин дигар молу мулки зарурии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ ба Донишгоҳ вобаста менамояд.

203. Маблағгузории фаъолияти Донишгоҳ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва маблағҳои махсуси донишгоҳ ба роҳ монда мешавад.

204. Донишгоҳ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан ба маблағу амвол ва дигар намудҳои моликиятеро, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барояш тӯҳфа намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд, ё мерос мондаанд, самараи меҳнати зеҳнӣ ва эҷодкориро, ки натиҷаи фаъолияти Донишгоҳ мебошад, аз ҷумла маҳсули коргоҳҳо ва ҷузъҳои онанд, ҳамчунин васоите, ки аз фаъолияти ҳисоби хоҷагӣ дар кори тайёр ва аз нав тайёркунии мутахассисон, аз ҳисоби фурӯши мол ва хизмат ба даст овардааст, дорад.

205. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад ба сифати иҷорагир ва (ё) иҷорадиҳандаи моликият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намояд.

206. Маблағгузории фаъолияти Донишгоҳ аз ҳисоби маблағи буҷет мутобиқи фармоиши давлатӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи давлатӣ, аз ҷумла меъёрҳои идоравии маблағгузорӣ, амалӣ карда мешавад.

207. Сарчашмаҳои ташаккули амволи Донишгоҳ ва маблағгузории фаъолияти он инҳоянд:

- моликияти ҷумҳурӣ, ки бемуҳлат бо мақсади идораи оперативӣ ба Донишгоҳ дода шудааст;

- маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ, ки барои фаъолияти молиявии Донишгоҳ муқаррар шудааст;

- васоити буҷаҳои зинаҳои гуногун, ки барои таъмини меъёри давлатии маълумот ҷудо карда мешавад;

- ҳиссаҷудокунии корхонаҳои истеҳсолии дар ҳисоби хоҷагӣ буда, ташкилотҳои таълимӣ-тақрибавӣ ва дигар ҷузъҳои Донишгоҳ;

- даромадҳое, ки аз амалӣ намудани шаклҳои гуногуни фаъолият ба даст меояд;

- қарзҳои бонкӣ ва дигар вомдиҳандагон;

- аъзоҳақиҳои мақсаднок ва васоити фармоишдиҳандагон ва дигар сарпарастон, ки барои тайёр ва аз нав тайёр намудани мутахассисон равона шудаанд, хайрияҳои ихтиёрии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҷумла ҳамкорони хориҷӣ;

- даромади васоити пулӣ, арзия, ки Донишгоҳ дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои вомдиҳанда гузоштааст;

- даромад аз истифодаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, табобатӣ, хоҷагӣ ва ғ., инчунин дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

208. Донишгоҳ тартиби истифодаи маблағҳоро, ки аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигар гирифтаанд, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Маблағҳои ғайрибуҷетии дар давраи ҷорӣ (сол, семоҳа, моҳ) истифоданакардаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии давлатӣ пас гардонида гирифта ё ба ҳаҷми маблағгузории давраи минбаъдаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисоб карда намешавад.

209. Донишгоҳ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкӣ барои нигоҳ доштани пул ва ҳама гуна ҳисобҳо, амалиёти қарздиҳӣ ва хазинавӣ, аз ҷумла додугирифти асъор суратҳисобҳо кушода метавонад.

210. Донишгоҳ мутобиқи Оинномаи мазкур дар соҳаи таълим, илм, хизматрасонии тиббӣ ва соҳаҳои дигар, ба шарте, ки он бар зиёни фаъолияти асосии он набошад, метавонад фаъолияти пулакиро мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ ба роҳ монад.

211. Масъалаҳои бастани шартнома барои фаъолияти пулакии таълим дар Донишгоҳ дар асоси шартномаҳое, ки тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур сурат мегиранд.

212. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома илова ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷет, қабули донишҷӯёнро бо риояи замимаи иҷозатнома, ки аз тарафи Муассис ва мақомоти давлатии идораи маориф дода шудааст, тибқи шартномаҳо бо пардохти арзиши таҳсил аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ намояд. Дар ин сурат Донишгоҳ дар иҷрои шартномаҳо, таъини уҳдадориҳо ва дигар мавридҳое, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Донишгоҳ нестанд, соҳибихтиёр аст. Инчунин дар истифодаи даромад ва амволе, ки дар натиҷаи ин фаъолият ба даст меоянд, Донишгоҳ соҳибихтиёр аст. Даромади мазкур тибқи ҳамин Оиннома ва қонунгузории ҷорӣ мавриди истифода қарор мегирад.

213. Аз даромадҳои Донишгоҳ, пас аз пардохтҳои ҳатмӣ, маблағҳои махсус ташкил карда мешавад, ки он тибқи қонунгузории ҷорӣ ва Низомнома дар бораи маблағҳои махсус, ки аз ҷониби шурои олимони Донишгоҳ тасдиқ мегардад, мавриди истифода қарор мегиранд.

Тартиби ташкил ва истифодаи маблағҳои махсус тибқи тартиботи муқарраршуда танзим мегарданд.

214. Донишгоҳ ба таври мустақим дар назди Муассис, мақомоти молия, андоз, мақомоти омор, ва дигар мақомоти давлатӣ тибқи қоидаҳои амалкунанда ҳисобот медиҳад.

215. Масъалаҳои бастани шартнома барои фаъолияти пулии таълимӣ ва хизматрасонии Донишгоҳ аз ҷониби он дар асоси шартномаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Оиннома мухолиф нестанд, ба амал бароварда мешавад.

216. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ассотсиатсияҳои гуногун, иттиҳодияҳо, аз ҷумла, бо ширкати ташкилотҳо, корхонаҳо, ашхоси ҷамъиятӣ ва дигарон ташкил намояд, дар таъсис додани фондҳои Оинномавии рафоқатҳо (ҷамъиятҳои саҳҳомӣ) бо истифода намудани васоили молию пулие, ки дар ҳуқуқи идоракунии оперативии Донишгоҳ мебошанд, ба сифати саҳм дар бунёди Оинномавии онҳо ширкат варзад.

217 .Донишгоҳ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияташ, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии амволӣ метавонанд дар асоси шартнома иттиҳодияҳои ғайритиҷоратиро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳад.

218. Донишгоҳ чун аъзои ассотсиатсияҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мустақилият ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медорад, аз рӯи уҳдадориҳои ассотсиатсия ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия пешбинишуда масъулияти субсидиарӣ дорад.

## XVI. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ХОРИҶИИ ДОНИШГОҲ

219. Ҳамкории байналмилалии Донишгоҳ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба ҳамшарикии ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.

220. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки дар соҳаи таҳсилоти олии тодипломӣ ва баъдидипломӣ ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисон, фаъолияти таълимӣ, корҳои илмӣ ва ғайра, инчунин фаъолияти бурунмарзиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаю қарордодҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои байналмилалиро ба роҳ монад.

221. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад бо муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, корхонаю ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намояд, барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро амалӣ гардонад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятии таълимӣ ва илмӣ шавад.

222. Таълим, тайёр намудан ва баланд бардоштани тахассуси шаҳрвандони хориҷӣ, корҳои таълимӣ ва илмӣ-пажӯҳишии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ дар асоси қарордоди байнидавлатӣ, созишномаи байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассис ва мақомотҳои дахлдори идоракунии маориф ва илми кишварҳои хориҷ ва ҳамчунин дар асоси

бастани шартномаҳои инфиродӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ бо Донишгоҳ ба роҳ монда мешавад.

223. Донишгоҳ фаъолияти иқтисодии хориҷиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона амалӣ мекунад ва он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ кушодани суратҳисоби асъорро дорад.

224. Асъор, дигар маблағҳои пулӣ ва амволе, ки Донишгоҳ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меорад, пурра дар ихтиёр дошта ва ба он, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мусодира кардани он манъ аст. Ин маблағ барои инкишофи соҳаи маориф ва илм, музди меҳнати кормандон, пойдор сохтани заминаи моддию техникии Донишгоҳ ва рушди иҷтимоии донишгоҳ ҳарҷ карда мешавад.

## XVII. ҲИСОБОТ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

225. Донишгоҳ ҳисоби фаврӣ ва муҳосибиро аз натиҷаҳои фаъолияти кори худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад, аз рӯи шакли муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ, коргузорӣ, амалиёти бойгонӣ мебарад, дар ин хусус ба Муассис ҳисобот пешниҳод менамояд;

226. Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мебошанд:

- ташкили ахбори комилан дурусти раванди хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои корҳо ҷиҳати идора ва роҳбарии фаврӣ;
- таъмини назорати мавҷудият ва гардиши пули нақд, васоити молӣ, меҳнатӣ ва ғайра мувофиқи меъёр, ченакҳо ва сметаҳо;
- сари вақт огоҳонидан аз зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молӣ хоҷагӣ, ошкор ва сафарбар намудани захираҳои дохилии донишгоҳ:

227. Донишгоҳ ба таври мустақим ба тариқи муқаррароти қонунгузорӣ дар назди мақомоти молия, андоз, омор ва дигар мақомоти марбута ҳисобот медиҳад.

228. Давраи ҳисоботӣ барои Донишгоҳ соли тақвимӣ аз 1 январ то 31 декабр мебошад.

229. Донишгоҳ маблағҳои буҷетиро дар идораи Маркази хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ медорад.

230. Донишгоҳ маблағҳои ғайрибуҷавиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар муассисаҳои қарздиҳӣ (бонкҳо) нигоҳ дорад.

231. Донишгоҳ баҳисобгирии муҳосибавӣ ва оморӣ худро дар асоси муқаррароти таъиншуда ба роҳ мемонад.

232. Роҳбарияти Донишгоҳ ва дигар шахсони масъул барои вайрон кардани ҳисоботҳо масъулияти шахсӣ доранд.

233. Роҳбарияти сохторҳои таркибии Донишгоҳ, ки баланси мустақил ва ё алоҳида доранд, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро тибқи қонунгузории амалкунанда ташкил ва ба роҳ мемонанд, дар назди мақомоти марбутаи давлатӣ ва донишгоҳ ҳисобот медиҳанд, дар ин хусус онҳо масъуланд.

## XVIII. ТАРТИБИ ТАЪСИС, АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ДОНИШГОҲ

234. Азнавташкилдиҳӣ ва ё барҳамдиҳии Донишгоҳ бо пешниҳоди Муассис тибқи қонунгузории амалкунанда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

235. Донишгоҳ аз замони ба қайди давлатӣ гирифтани он таъсисгардида дониста шуда, аз рӯзи гирифтани иҷозатнома (литсензия) ҳуқуқ пайдо мекунад, ки нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро амалӣ гардонад ва аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ баҳравар гардад.

236. Донишгоҳ аз лаҳзаи дар мақомоти бақайдгирандаи давлатӣ ҳамчун барҳамхӯрда ба қайд гирифтан ва гирифтани шаҳодатномаи барҳамдиҳӣ, барҳамхӯрда ба ҳисоб меравад.

*Дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон аз «29» ноябри соли 2025 (Протоколи №04/02) муҳокима ва тасдиқ шудааст.*